# БЮЛЛЕТЕНИ

## КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БЮЛЛЕТЕНЬ

## ВЫСШЕЙ АТТЕСТАЦИОННОЙ КОМИССИИ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

№ 3 - 4 (27-28) 2023

БЮЛЛЕТЕН АЗ СОЛИ 2017 НАШР МЕШАВАД.

БЮЛЛЕТЕН ДАР ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 03.07.2017
ТАҲТИ № 011/МҶ-97 САБТИ НОМ ШУДААСТ.
БЮЛЛЕТЕН ДАР ЯК СОЛ 4 МАРОТИБА ЧОП МЕШАВАД.

**Сармуҳаррир:**

***Розиқзода А.Ш.*** – доктори илмҳои таърих, раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муовини сармуҳаррир:**

***Иброҳимзода Д.Э.*** **-** доктори илмҳои химия, муовини раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Котиби масъул:**

***Маъруфӣ Р.Н.*** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, саркотиби илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

***Гулаҳмадов Ҳ.Ш.*** – доктори илмҳои техникӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникии КОА

***Бозоров Ш.Э.*** – доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрии КОА

***Азизӣ М.*** – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии КОА

**Масъули чоп:**

***Шарифов Ҷ.***

**Главный редактор:**
***Розикзода А.Ш.*** – доктор исторических наук, председатель Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

**Заместитель главного редактора:**
***Ибрагимзода Д.Э.*** - доктор химических наук, заместитель председателя Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

**Ответственный секретарь:**
***Маъруфи Р.Н.*** – доктор юридических наук, главный ученый секретарь Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан

**Редакционная коллегия:**
***Гулахмадов Х.Ш.*** – доктор технических наук, заведующий аттестационным отделом естественно-математических и технических наук ВАК
***Бозоров Ш.Э.*** – доктор сельскохозяйственных наук, заведующий аттестационным отделом медицинских, фармацевтических, биологических, ветеринарных и аграрных наук ВАК
***Азизи М.*** - доктор педагогических наук, заведующий аттестационным отделом общественно-гуманитарных наук ВАК

**Ответственный за выпуск:**
***Шарифов Дж.***

# МУНДАРИҶА

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267» ........................................8

Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ ........................................9

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ........................................84

Тартиби додани унвонҳои илмӣ ........................................111

Постановление Правительства Республики Таджикистан «О внесении изменений и дополнений в постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года, №267» ....................139

Положение о диссертационном совете ........................................140

Порядок присуждения ученых степеней ........................................216

Порядок присвоения ученых званий ........................................244

# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1. Дар ном, банди 1 ва замимаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда», калимаҳои «ШӮРО», «Шӯро», «Шӯрои», «шӯрои», «Шӯроро» ва «шӯроҳои» мувофиқан ба калимаҳои «ШУРО», «Шуро», «Шурои», «шурои», «Шуроро» ва «шуроҳои» иваз карда шаванд.

2. Ба Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда» тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) банди 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (минбаъд–Низомнома) тартиби ташкил ва фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ (минбаъд–Шуро)-и назди муассисаҳои давлатии илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (минбаъд-Муассиса) оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат, гузаронидани маҷлисҳои Шуро, қоидаҳои қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя ва экспертизаи аввалия, экспертизаи муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар, ҳимояи ошкорои диссертатсияҳо, маҳрум ва барқарор кардани дараҷаҳои илмӣ ва инчунин таъминоти моддю техникӣ ва назорати фаъолияти Шуроро муқаррар менамояд.»;

2) банди 7 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«7. Агар дар давоми сол се қарори Шуро оид ба додани дараҷаи илмӣ бинобар риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрии

ҳуқуқии соҳа бекор карда шавад, фаъолияти Шуро боздошт ва ё қатъ карда мешавад. Дар мавриди боздоштани фаъолияти Шуро такроран ба фаъолият шуруъ кардани он бо бозбинии ҳайат сурат мегирад.»;

3) ба банди 8 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар ҳангоми баррасии парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия содиршавии рафтори ношоями илмӣ ошкор гардад, Комиссия метавонад бо ҳуҷҷатҳои аввалияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ шинос шавад.»;

4) ҷумлаи якуми банди 10 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Муассиса ухдадор аст матни пурраи диссертатсия, автореферати он ва маводи иттилоотиро тибқи талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ дар сомонаи расмии худ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионии интернет (минбаъд–сомонаи Муассиса) ҷойгир карда, сабти аудиоӣ ва видеоии маҷлисҳои Шуроро ба роҳ монад.»;

5) бандҳои 20 ва 21 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«20. Ба ҳайати Шуро докторони илм, докторони ҳабилитат ва ба таври истисно номзадони илм ё докторони фалсафа (PhD)-докторон аз рӯйи ихтисосе дохил шуда метавонанд, ки дар муддати 5 соли охир аз рӯйи ихтисоси соҳаи илми дархостшаванда дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷа тибқи Феҳристи Комиссия на кам аз 3 мақолаи илмӣ дошта бошанд. Мутобиқати аъзои Шуро ба ихтисосҳои дархостшуда бо дипломи дараҷаи илмӣ ва (ё) бо интишороти илмии онҳо тасдиқ карда мешавад.

21. Шумораи ҳайати Шуро аз 9 то 16 нафарро ташкил медиҳад. Шуро дар ҳайати 9 нафар аз рӯйи як ихтисос, дар ҳайати 11 нафар аз рӯйи ду ихтисос ва дар ҳайати 16 нафар аз рӯйи се ихтисос ташкил карда мешавад. Ҳайати Шуро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат ё доктори илм аз рӯйи як ихтисос дар ҳайати 8 доктори илм ва 1 номзади илм, аз рӯйи ду ихтисос 10 доктори илм ва 1 номзади илм ва аз рӯйи се ихтисос 15 доктори илм ва 1 номзади илм (котиби илмии Шуро) муқаррар карда шавад. Ба ҳайати Шуро мутахассисон аз муассисаҳои дигари илмӣ ва таълимӣ дохил карда мешаванд, ки шумораи онҳо бояд на зиёда аз нисфи ҳайати умумии Шуро бошад. Узвият дар Шуро дар асосҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад.»;

6) аз банди 22 калимаҳои «, ки унвони илмии дотсентӣ доранд,» хориҷ карда шаванд;

7) бандҳои 23 ва 24 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«23. Раиси Шуро бояд доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи яке аз ихтисосҳои дархостшаванда ва бо дастовардҳои илмии худ маъруф бошад (барои ихтисосҳои нодир доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи интишороти илмӣ метавонад раиси Шуро таин шавад).

24. Муовини раиси Шуро бояд доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи яке аз ихтисосҳои дархостшаванда бошад (барои ихтисосҳои нодир доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи интишороти илмӣ метавонад муовини раиси Шуро таин шавад).»;

8) банди 29 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«29. Талабот ба ҳайати Шуро барои ихтисосҳои нодир (тибқи Феҳристи ихтисосҳо):

- барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат на кам аз 5 мутахассиси дорои дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат (2 доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда ва 3 доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи интишорот);

- барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос на кам аз 5 мутахассиси дорои дараҷаи илмӣ (1 доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда ва 4 номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи интишорот).»;

9) дар банди 32:

- ҷумлаи якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Доктори илм, доктори ҳабилитат, номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос дар як Шуро танҳо як ихтисосро намояндагӣ мекунад.»;

- дар ҷумлаи сеюм рақами «1» ба рақами «2» иваз карда шавад;

10) ба банди 34 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар узви Шуро бе сабабҳои узрнок дар 3 ҷаласаи Шуро иштирок накунад, аз ҳайати Шуро хориҷ карда мешавад.»;

11) банди 37 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«37. Дар мавриди ташкили ҳимояи якдафъаина ба ҳайати шурои амалкунанда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос на кам аз 5 мутахассиси соҳа аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда ворид карда мешаванд (2 доктори илм ё доктори ҳабилитат ва 3 номзади илм ё

доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос). Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва ё доктори ҳабилитат номзадони илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос аз ҳайати Шуро, ки барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина ташкил мешавад, бароварда шуда, ба ҳайати шурои амалкунанда аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда на кам аз 5 доктори илм ё доктори ҳабилитат ворид карда мешаванд.»;

12) банди 38 хориҷ карда шавад;

13) дар банди 41 рақами «6» ба рақами «3» иваз карда шавад;

14) ба банди 42 ҷумлаҳои шашум ва ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«Узви Шурои аз хориҷа даъватшуда, ки дар маҷлиси Шуро бо тариқи ҳузурӣ имконияти иштирок карданро надорад, метавонад ба таври маҷозӣ (онлайн) иштирок кунад. Дар ҳолати истисноӣ бо сабабҳои узрнок (беморӣ, сафари хизматӣ ва дигар сабабҳо) то се узви Шуро метавонанд ба таври маҷозӣ дар маҷлис иштирок намоянд.»;

15) дар банди 44:

- ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин ифода карда шавад:

«Агар раиси Шуро ё муовини ӯ роҳбар (мушовир)-и илмӣ ва ё хешованди наздики довталаби дараҷаи илмӣ бошад, ҳуқуқи роҳбарии маҷлисро надорад.»;

- ҷумлаи панҷум (шашум)дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Дар сурати бо сабабҳои узрнок зиёда аз як моҳ иштирок накардани раис ва муовини ӯ дар кори Шуро, баъд аз гирифтани иҷозати Комиссия, вазифаи раисикунанда ба уҳдаи яке аз аъзои ботаҷрибаи Шуро вогузор мегардад.»;

16) ба банди 63 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳуҷҷатҳои зерин, ки дар раванди баррасии диссертатсия дар Шуро қабул мегарданд, дар сомонаи Муассиса ҷойгир карда мешаванд:

- тақризи роҳбар (мушовир)-и илмӣ;

- маълумотнома дар бораи роҳбар (мушовир)-и илмӣ;

- хулосаи натиҷаҳои ташхиси муқаддамотии диссертатсия дар муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст;

- протоколи шурои диссертатсионӣ дар бораи таин намудани комиссияи экспертӣ;

- хулосаи комиссияи экспертӣ;

- протоколи шурои диссертатсионӣ дар бораи ба ҳимоя қабул намудани диссертатсия;

- маълумотнома дар бораи муқарризони расмӣ;

- маълумотнома дар бораи муассисаи пешбар;

- тақризҳои муқарризони расмӣ;

- тақризи муассисаи пешбар;

- тақризҳо ба автореферат (агар бошанд);

- протоколи ҷаласаи шурои диссератсионӣ;

- хулосаи шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.»;

17) дар ҷумлаи якуми банди 65 пас аз калимаи «мешавад» калима ва рақами «(замимаи 9)» илова карда шавад;

18) сархати якуми банди 74 хориҷ карда шавад;

19) ба банди 76 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар ҷаласаи Шуро дар санаи муқарраршуда бинобар набудани кворум, иштирок накардани муқарризони расмӣ ё пешниҳод нагардидани тақризи муассисаи пешбар баргузор нагардад, Шуро бо огоҳ намудани Комиссия санаи нави ҳимояро таъин менамояд.»;

20) ба банди 106 ҷумлаҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ ҳузури довталаб ва шахсони ғайр қатъиян манъ аст. Раванди овоздиҳии ҳар як узви Шуро бояд пурра дар сабти видеоӣ нишон дода шавад.»;

21) дар банди 112 рақам ва калимаи «6 моҳ» ба рақам ва калимаи «1 сол» иваз карда шаванд;

22) номи замимаи 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Хулосаи шурои диссертатсионии _________ назди
(рамз)

_______________________________________________________________
(номи пурраи муассиса (таҳсилотӣ ё илмӣ))
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади (доктори) илм»;

23) замимаи 9 илова карда шавад (замима мегардад).

3. Ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии

давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда» тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) ба банди 3 пас аз калимаи «аспирантура» калимаи «(адъюнктура)» илова карда шавад;

2) аз банди 10 калимаҳои «бо тавсияи маҷлиси зерсохтори муассиса, ки дар он диссертатсия омода мегардад,» хориҷ карда шуда, ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Тағйиру иловаҳо ба мавзуъ ва ивази роҳбари илмӣ ба зиммаи шурои олимони муассиса вогузор мегардад.»;

3) дар банди 15 калимаи «дастурамали» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқии» иваз карда шаванд;

4) банди 18 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«18. Мавзуи кори илмии довталаб дар доираи ихтисос, самт ва илмҳои ҳамҷавор тасдиқ карда мешавад. Агар ихтисоси бунёдии довталаб равияи илмҳои ҷамъиятию гуманитариро дар бар гирад, он гоҳ ҳимоя намудан дар самти илмҳои дақиқ, техникӣ, табиӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, байторӣ ва биологӣ иҷозат дода намешавад. Агар довталаб ихтисоси бунёдии самти илмҳои техникӣ, табиӣ ва дақиқ дошта бошад, наметавонад дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, ба истисноии илмҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ, таърихи илм ва методикаи таълим диссертатсия ҳимоя намояд.»;

5) банди 21[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«21[1]. Барои довталабони дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос диссертатсия таҳия ва ҳимояи диссертатсия дар доираи ихтисоси таҳсил дар магистратура ва докторантура ба роҳ монда мешавад.»;

6) ба банди 25 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- пас аз ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм 3 сол сипарӣ шуда бошад;»;

7) ба банди 26 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- пас аз ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос 3 сол сипарӣ шуда бошад;»;

8) бандҳои 28 ва 29 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«28. Роҳбар ё мушовири илмӣ бояд мутахассиси дорои дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бошад. Ба таври истисно мутахассиси дорои

дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос низ метавонад роҳбар (ё роҳбари дуюм)-и илмии довталаби дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос бошад, агар ӯ дар соҳаи дахлдори илм собиқаи на кам аз 5-солаи илмӣ, илмию омӯзгорӣ ё илмию техникӣ дошта бошад.

29. Роҳбар ё мушовири илмӣ наметавонад дар давоми як сол зиёда аз 5 довталаби дараҷаи илмиро ба ҳимоя пешниҳод намояд.»;

9) ба банди 30 пас аз калимаи «гуногун» калимаҳои «аз рӯйи як ихтисос» илова карда шуда, калимаҳои «, довталаб дар ҳаммуаллифӣ бо ҳарду роҳбар (мушовир) дар маҷаллаҳои тақризшаванда мақолаҳои илмӣ дошта» ва ҷумлаи дуюм хориҷ карда шаванд;

10) сархатҳои якум ва дуюми банди 35 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос дар соҳаи илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ – 3 мақола (2 мақола дар алоҳидагӣ), на камтар аз 2 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва (ё) байналмилалӣ, дар соҳаи илмҳои табиӣ, математикӣ, тиббӣ, кишоварзӣ ва техникӣ – 2 мақола ва на кам аз 2 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва (ё) байналмилалӣ;

- барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат – дар соҳаи илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ – 15 мақола (на камтар аз 5 мақола дар алоҳидагӣ) ва на камтар аз 5 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ё байналмилалӣ, дар соҳаи илмҳои табиӣ, математикӣ, тиббӣ, кишоварзӣ ва техникӣ – 10 мақола ва на кам аз 5 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ё байналмилалӣ.»;

11) бандҳои 37 ва 38 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«37. Диссертатсия дар Комиссия тибқи дастурамал оид ба санҷиши диссертатсия аз рӯйи барномаи компютерии «Антиплагиат» санҷида мешавад. Асолати диссертатсия аз рӯйи барномаи мазкур бояд аз 75 дарсад (барои илмҳои физикаю математика ва химия – 70 дарсад) ва автореферати диссертатсия аз 80 дарсад (барои илмҳои табиӣ-математика ва техникӣ – 75 дарсад) кам набошад. Диссертатсияҳое, ки ба талаботи зикргардида ҷавобгӯ нестанд, дар асоси хулосаи эксперти холис ба ҳимояи такрорӣ баргардонида мешаванд. Ҳимояи такрории онҳо пас аз 1 соли қабули фармоиш ба роҳ монда мешавад;

38. Экспертизаи диссертатсия дар маҷлиси воҳидҳои сохтории Муассиса (кафедра, шуъба, бахш, озмоишгоҳ)-ҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ё илмию таҳқиқотие, ки диссертатсия бевосита дар он ҷо иҷро шудааст, бо иштироки мутахассисон аз Муассисае, ки дар он Шуро амал мекунад, гузаронида мешавад.»;

12) аз банди 39 калимаҳои «давраи якуми» ва «ва бартарафсозии камбудиҳои ошкоршуда» хориҷ карда шаванд;

13) ба банди 40 сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи натиҷаи имтиҳоноти тахассусӣ;»;

14) дар сархати панҷуми банди 41 калимаҳои «экспертизаи марҳилаи навбатӣ» ба калимаи «ҳимоя» иваз карда шаванд;

15) банди 44 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«44. Дар сурати манфӣ арзёбӣ гаштани диссертатсия, ба довталаб нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси воҳидҳои сохтории Муассиса дар бораи камбудиҳои ошкоргашта бо эродҳои гирифташуда дода мешавад ва муҳлати коркарди минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва пешниҳоди такрории он муайян карда мешавад.»;

16) бандҳои 45, 46, 47, 48, 49 ва 50 хориҷ карда шаванд;

17) банди 51 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«51. Дар хулосаи маҷлис, ки бо тарафдории аксари иштирокдорони он қабул мешавад, бояд тамоми ҷузъиёти банди 42 Тартиби мазкур ба инобат гирифта шавад. Хулосаи маҷлис тибқи муқаррарот аз номи Муассиса бо имзои раисикунанда, котиби маҷлис ба расмият дароварда шуда, аз ҷониби ректор (директор) ё муовини ӯ оид ба илм бо имзо, муҳри Муассиса ва санаи рӯз тасдиқ карда мешавад.»;

18) ба банди 52 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Хулосаи Муассиса то 2 сол эътибор дорад.»;

19) банди 55 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«55. Дар мавриди баргузор намудани ҳимояи диссертатсия ба забоне, ки онро аъзои Шуро ва ё муқарризони расмӣ намедонанд, Муассиса уҳдадор аст тарҷумаи ҳамзамонии ҷаласаи Шуроро вобаста ба ҳимояи диссертатсия таъмин кунад.»;

20) дар банди 60 рақамҳои «15» ва «25» мувофиқан ба рақамҳои «25» ва «30» иваз карда шаванд;

21) ҷумлаи якуми банди 69 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Ихтисоси муқарризони расмӣ бояд ба ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда наздик бошад ва ё онҳо аз рӯйи ихтисоси мазкур бояд

на кам аз 3 интишороти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда дошта бошанд.» ва дар ҷумлаи дуюм баъди калимаи «намояд» калимаҳои «(ба истиснои ихтисосҳои нодир)» илова карда шавад».;

22) ба банди 70 сархати чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- узви комиссияи экспертии аввалияи диссертатсия дар Шуро;»;

23) ба банди 74 пас аз калимаи «маъруфанд» калимаҳои «(дар 5 соли охир на кам аз 10 интишороти илмӣ, аз он 5 мақолаи тақризшаванда дошта бошанд)» илова карда шаванд;

24) дар банди 91 калимаҳои «реҷаи интерактивӣ (on-line)» ва «дар реҷаи on-line» ба калимаҳои «тариқи маҷозӣ» иваз карда шаванд;

25) банди 92 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«92. Дар мавриди ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос дар маҷлиси Шуро иштироки 3 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси илмии диссертатсия ва дар муҳокимаи натиҷаҳои диссертатсия ба музокира баромадани ақаллан 2 нафари онҳо, дар мавриди ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат бошад дар маҷлиси Шӯро иштироки 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси илмии диссертатсия ва дар муҳокимаи натиҷаҳои диссертатсия ба музокира баромадани 2 нафари онҳо ҳатмӣ мебошад.»;

26) дар банди 93 пас аз калимаи «пинҳонӣ» калимаҳои «(аъзои шуро, ки тариқи маҷозӣ иштирок доранд, ба таври овоздиҳии кушода овоз медиҳанд)» илова карда шаванд;

27) дар банди 101 рақам ва калимаи «1 соли» ба рақам ва калимаи «6 моҳи» иваз карда шаванд;

28) ба банди 106 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Дар мавриди зарурат ба диссертатсия ва автореферати он ғалатнома замима карда мешавад.»;

29) ба банди 108 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Ҳимояи такрории диссертатсия пас аз 3 моҳ иҷозат дода мешавад.»;

30) дар банди 117 рақам ва калимаи «1 соли» ба рақам ва калимаи «6 моҳи» иваз карда шуда, ҷумлаи чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳимояи такрории диссертатсияи довталабе, ки се маротиба пай дар пай аз рӯйи мазмун ва муҳтаво рад шудааст, дар мавзуи мазкур мумкин нест.»;

4. Ба Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда» тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1) аз банди 9 калимаҳои «директор ё муовини директори муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ,» хориҷ карда шаванд;

2) дар банди 10:

- сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- на камтар аз 3 сол доштани собиқаи фаъолияти илмию омӯзгорӣ баъди ҳимояи диссертатсияи номзадӣ, аз ҷумла собиқаи бефосилаи кор ба муддати на кам 1 сол дар вазифаҳои дар банди 9 Тартиби мазкур пешбинишуда аз рӯйи ихтисоси илмии дархостшаванда;»;

- дар сархати сеюм пас аз калимаи «банашррасида» калимаҳои «аз рӯйи самти илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда» илова карда шавад;

- ба сархати чорум пас аз калимаи «методӣ» калимаҳои «ҳар яке на кам аз 2,5 ҷузъи муаллифӣ» илова карда шуда, калимаҳои «бо баҳисобгирии монографияи илмии чопшуда» хориҷ карда шаванд;

3) банди 13 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«13. Унвони илмии профессор ба кормандони муассисаҳои дар вазифаҳои президенти академияи илмҳо (миллӣ, соҳавӣ) ё ноиби ӯ, саркотиби илмӣ, ректор ё муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, директор ё муовини директори муассисаи илмӣ, директор ё муовини директори филиали муассиса (пажуҳишгоҳи илмӣ ё таълимию илмӣ), ректор (сардор) ё муовини ректор (муовини сардор)-и донишкада, декани факултет, мудири кафедра, сардори шуъба (бахш, озмоишгоҳ)-и илмию таҳқиқотӣ ё таҷрибавию созакорӣ, котиби илмии муассиса, профессор, сарходими илмӣ ё ҳамин гуна вазифаҳои ба онҳо баробаркардашудае, ки дар феҳристи вазифаҳои мақомоти ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ шудаанд, фаъолияткунандае дода мешавад, агар довталаб ба ғайр аз мувофиқат намудан ба талаботи сархати якуми банди 8 Тартиби мазкур, инчунин дорандаи дипломи дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат ё ҳамин гуна

дараҷаҳои илмиро дар хориҷи мамлакат дарёфт намуда бошад, ки аз тарафи Комиссия баробарарзиш дониста шудааст.»;

4) дар банди 14:

- сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- баъди ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат доштани на кам аз 3 сол собиқаи фаъолияти илмию омӯзгорӣ, аз ҷумла на кам аз 2 сол аз рӯйи самти илмии дархостшаванда;»;

- сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- доштани собиқаи бефосилаи кор ба муддати на кам аз 3 сол дар вазифаҳои дар банди 13 Тартиби мазкур пешбинишуда;»;

- дар сархати чорум пас аз калимаи «банашррасида» калимаҳои «аз рӯйи самти илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда» илова карда шаванд;

- сархати панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дар зарфи 5 соли охир доштани на камтар аз 3 дастури таълимию методӣ (ҳар яке на кам аз 2,5 ҷузъи муаллифӣ ва 1 дастур дар алоҳидагӣ), 5 мақолаи илмии дар солҳои гуногун банашррасида ва 1 китоби дарсӣ аз рӯйи ихтисоси илмии дархостшуда.»;

5) дар банди 17 калимаҳои «миёнаи касбӣ,» хориҷ карда шаванд;

6) дар банди 20:

- дар сархатҳои якум ва дуюм калимаи «ихтисоси» ба калимаи «самти» иваз карда шавад;

- сархати панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дар зарфи 5 соли охир доштани на кам аз 1 дастури таълимию методӣ ва 1 мақолаи тақризшаванда (бо баҳисобгирии маҷмуаи корҳои эҷодии дар раванди таълим истифодашаванда, аз қабили мусиқӣ ва сурудҳои ба нота дигар асарҳои гуногунжанри мусиқии касбӣ, матни намоишномаҳои басаҳнагузошташуда, фотоалбоми мусаввараҳо, ҳунарҳои наққошӣ, ороишӣ, сӯзанӣ, кандакорӣ, гаҷкорӣ, оҳану мискорӣ, усулҳои иҷрои бозиҳои миллии варзишӣ ва намудҳои дигари асарҳои ҳунармандӣ ва варзишӣ) аз рӯйи самти илмии дархостшуда;»;

7) дар банди 23:

- дар сархати чорум калимаи «ихтисоси» ба калимаи «самти» иваз карда шавад;

- сархати ҳафтум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дар шакли нота ва дигар намудҳои санъати касбӣ ё дигар намудҳои санъати халқии касбӣ пешниҳод намудани асарҳо;»;

8) ҷумлаи дуюми банди 39 хориҷ карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» ____ соли 2023, №

Замимаи 9
ба Низомномаи
шурои диссертатсионӣ

**РӮЙХАТИ**
**суроғаҳое, ки автореферати диссертатсияро равон кардан ҳатмӣ аст**

1. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 80)
2. Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко, 39)
3. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 13 а)
4. Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон, 5)
5. Китобхонаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба номи Индира Гандӣ (шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)
6. Китобхонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)
7. Палатаи китоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 17)
8. Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 14 а)
9. Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббӣ (шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко, 41)
10. Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, хиёбони Айнӣ, 45)
11. Раёсати Академияи илмҳои кишоварзӣ (шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21 а)

Эзоҳ: Ба китобхонаҳое, ки дар бандҳои 8, 9 ва 10 рӯйхат оварда шудаанд, аз рӯйи ихтисоси диссертатсия равон карда мешавад.

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "30" июни соли 2021, № 267

## НИЗОМНОМАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ
## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ
**(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)**

1. Низомномаи Шурои диссертатсионӣ (минбаъд-**Низомнома**) тартиби ташкил ва фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ (минбаъд-**Шуро**)-и назди муассисаҳои давлатии илмӣ, таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (минбаъд-**Муассиса**) оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат, гузаронидани маҷлисҳои Шуро, қоидаҳои қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя ва экспертизаи аввалия, экспертизаи муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар, ҳимояи ошкорои диссертатсияҳо, маҳрум ва барқарор кардани дараҷаҳои илмӣ ва инчунин таъминоти моддю техникӣ ва назорати фаъолияти Шуроро муқаррар менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

2. Шуро фаъолияти худро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории амалкунанда, инчунин Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

3. Шуро талаботи ягонаро нисбат ба довталаби дараҷаи илмӣ ва диссертатсияи ӯ таъмин намуда, таҳлили мухтавои диссертатсияро ба роҳ монда, ба диссертатсияҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда баҳои илмӣ медиҳад.

4. Баррасии диссертатсияҳо дар Шуро давраҳои зеринро дар бар мегирад:

- экспертизаи аввалия;
- экспертизаи муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар;
- ҳимояи ошкорои диссертатсия.

5. Аз рӯи натиҷаҳои ҳимояи ошкорои диссертатсия Шуро барои додани дараҷаи илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат қарор қабул намуда, фаъолияти зеринро анҷом медиҳад:

- ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - **Комиссия**) оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат дархост пешниҳод мекунад;

- ба диссертатсияе, ки дар Шурои дигари наздик аз рӯи самти илм ҳимоя шудааст, хулосаи иловагӣ медиҳад;

- дар бораи натиҷаҳои баррасии шикоятҳо оид ба масъалаи додани дараҷаҳои илмӣ дар мавриди риоя накардани тартиби пешниҳод намудан ба ҳимоя ва ҳимояи диссертатсияҳо хулоса медиҳад;

- ҳар сол фаъолияти худро (бо дарназардошти муҳтавои диссертатсияҳои ҳимояшуда ва пешниҳоди интишороти аъзои шуро дар давраи ҳисоботӣ) таҳлил намуда, оид ба натиҷаҳои он ба Комиссия ҳисобот пешниҳод менамояд;

- ваколатҳои дигарро тибқи муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ амалӣ менамояд.

6. Шуро барои мувофиқати диссертатсияҳо ба ихтисосҳо ва самтҳои пешниҳодшуда, воқеӣ будани сифати экспертизаи онҳо, асоснок будани қарорҳои дахлдори нисбат ба онҳо қабулшуда, мувофиқати онҳо ба муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ масъул мебошад. Шуро вазифадор аст, ки ба дархости Комиссия тавзеҳоти зарурӣ диҳад ва барои гузаронидани экспертиза ва ҳимояи диссертатсия маводи дахлдорро пешниҳод намояд.

7. Агар дар давоми сол се қарори Шуро оид ба додани дараҷаи илмӣ бинобар риоя нагардидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа бекор карда шавад, фаъолияти Шуро боздошт ва ё қатъ карда мешавад. Дар мавриди боздоштани фаъолияти Шуро такроран ба фаъолият шуруъ кардани он бо бозбинии ҳайат сурат мегирад*(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

8. Агар дар натиҷаи экспертизаи ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионӣ дар Комиссия вайрон карда шудани талабот оид ба қоидаҳои ҳимоя аз ҷониби Шуро ошкор шуда бошад, Комиссия ҳуқуқ дорад, ки диссертатсияи ҳимояшударо барои ҳимояи такрорӣ ба Шурои мазкур баргардонад. Агар ҳангоми баррасии парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия содиршавии рафтори ношоями илмӣ ошкор гардад, Комиссия метавонад бо ҳуҷҷатҳои аввалияи

довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ шинос шавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 [№ 295](#)).*

9. Шуро ба довталаби дараҷаи илмӣ дар масъалаҳои вобаста ба ҳимояи диссертатсия ёрии амалию методӣ мерасонад.

10. Муассиса уҳдадор аст матни пурраи диссертатсия, автореферати он ва маводи иттилоотиро тибқи талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ дар сомонаи расмии худ дар шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионии интернет (минбаъд-**сомонаи Муассиса**) ҷойгир карда, сабти аудиоӣ ва видеоии маҷлисҳои Шуроро ба роҳ монад. Дар мавридҳои зарурӣ реҷаи онлайнии маҷлиси Шуроро бо мақсади ошкорбаёнии фаъолияти он таъмин намояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 [№ 295](#))*.

11. Муассиса хароҷоти муқарризони расмӣ ва хароҷоти дигари вобаста ба ҳимояи диссертатсияро пардохт мекунад. Ҳар гуна хароҷоти вобаста ба баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо дар Шуро (ба истиснои шаҳрвандони хориҷӣ, агар тибқи созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар асоси шартномаи баимзорасидаи байни довталаби дараҷаи илмӣ ва муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар муқаррар нашуда бошад) аз ҳисоби довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ қатъиян манъ аст.

12. Роҳбари Муассиса барои мутобиқати ҳайат ва фаъолияти Шуро мувофиқи талаботи Низомномаи мазкур ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи аттестатсияи давлатии кормандони илмӣ ва (ё) илмию техникии тахассуси олӣ масъул мебошад.

13. Шуро диссертатсияи шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатиро тибқи тартиби тасдиқнамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳимоя қабул менамояд.

14. Шуро диссертатсияҳои шаҳрвандони хориҷиро ба ҳимоя дар сурате қабул карда метавонад, ки агар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати марбут дар ин бобат шартномаи дуҷониба ё бисёрҷониба мавҷуд бошад ё довталаб бо тартиби муқарраргардида бо муассисаи таълимӣ (илмӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома (қарордод) ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои илмиро ба имзо расонида, инчунин хароҷоти ҳимояи диссертатсия ва экспертизаи онро пурра пардохт намуда бошад, агар дар шартномаҳои байналмилалии

эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

## 2. ТАРТИБИ ТАЪСИСИ ШУРО

15. Шуро барои баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат таъсис дода мешавад. Шуро бо қарори Комиссия дар заминаи муассисае, ки бо кадрҳои илмии дорои тахассуси олӣ таъмин буда, дорои дастовардҳои бузурги илмӣ мебошад ва дар самтҳои дахлдори илм таҳқиқоти илмиро фаъолона амалӣ менамояд, инчунин, кормандони илмии тахассуси олиро дар аспирантура (адъюнктура) ва докторантура аз рӯи ихтисос, докторантура, постдокторантура ва ба тариқи унвонҷӯӣ тайёр мекунад, таъсис дода мешавад.

16. Номгӯйи ҳуҷҷатҳо оид ба таъсиси шурои диссертатсионӣ тибқи замимаи 1 Низомномаи мазкур ба Комиссия пешниҳод мегардад.

17. Ҳангоми зарурат то 3 Муассиса метавонанд Шурои муштарак ташкил намояд.

18. Шурои муштарак дар асоси созишномаи байни муассисаҳо дар заминаи муассисае, ки бо дастовардҳои бузурги илмиаш дар соҳаи муайяни илм маъруф аст ва ба талаботи бандҳои 19-31 Низомномаи мазкур мувофиқат мекунад, таъсис дода мешавад (замимаи 2).

19. Комиссия на зиёда аз 3 ихтисоси ба ҳам наздикро аз рӯи як ё ду соҳаи илм муайян карда, ба Шуро ҳуқуқи қабул ва баррасии диссертатсияҳоро вогузор менамояд.

20. Ба ҳайати Шуро докторони илм, докторони ҳабилитат ва ба таври истисно номзадони илм ё докторони фалсафа (PhD)-докторон аз рӯйи ихтисосе дохил шуда метавонанд, ки дар муддати 5 соли охир аз рӯйи ихтисоси соҳаи илми дархостшаванда дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷа тибқи Феҳристи Комиссия на кам аз 3 мақолаи илмӣ дошта бошанд. Мутобиқати аъзои Шуро ба ихтисосҳои дархостшуда бо дипломи дараҷаи илмӣ ва (ё) бо интишороти илмии онҳо тасдиқ карда мешавад.

21. Шумораи ҳайати Шуро аз 9 то 16 нафарро ташкил медиҳад. Шуро дар ҳайати 9 нафар аз рӯйи як ихтисос, дар ҳайати 11 нафар аз рӯйи ду ихтисос ва дар ҳайати 16 нафар аз рӯйи се ихтисос

ташкил карда мешавад. Ҳайати Шуро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат ё доктори илм аз рӯйи як ихтисос дар ҳайати 8 доктори илм ва 1 номзади илм, аз рӯйи ду ихтисос 10 доктори илм ва 1 номзади илм ва аз рӯйи се ихтисос 15 доктори илм ва 1 номзади илм (котиби илмии Шуро) муқаррар карда шавад. Ба ҳайати Шуро мутахассисон аз муассисаҳои дигари илмӣ ва таълимӣ дохил карда мешаванд, ки шумораи онҳо бояд на зиёда аз нисфи ҳайати умумии Шуро бошад. Узвият дар Шуро дар асосҳои фаъолияти ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

22. Шуро дар ҳайати раис, муовин, котиби илмӣ ва аъзои Шуро ба муҳлати то 5 сол таъсис дода мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

23. Раиси Шуро бояд доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи яке аз ихтисосҳои дархостшаванда ва бо дастовардҳои илмии худ маъруф бошад (барои ихтисосҳои нодир доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи интишороти илмӣ метавонад раиси Шуро таин шавад).

24. Муовини раиси Шуро бояд доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи яке аз ихтисосҳои дархостшаванда бошад (барои ихтисосҳои нодир доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи интишороти илмӣ метавонад муовини раиси Шуро таин шавад) *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

25. Котиби илмии Шуро бояд доктори илм, доктори ҳабилитат, номзади илм ва ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос аз рӯи яке аз ихтисосҳои дархостшаванда ва корманди доимии Муассиса бошад.

26. Раис, муовини раис ва котиби илмии Шурои муштарак кормандони доимии муассисаҳои гуногуни иштирокчии созишнома мебошанд.

27. Барои таъсиси Шуро ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат дар Тоҷикистон вуҷуд доштани 5 мутахассиси дорои дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат аз рӯи ихтисоси дархостшаванда зарур аст, ки 2 нафари онҳо бояд корманди басти доимии ҳамин муассиса бошанд.

28. Барои таъсиси Шуро ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори фаласафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос зарур аст, ки дар Тоҷикистон 5 мутахассиси дорои дараҷаи илмии ихтисоси дархостшаванда мавҷуд бошанд, ки на кам аз 3 нафари онҳо

доктори илм ё доктори ҳабилитат ва 2 нафари онҳо корманди басти доимии ин Муассиса бошанд.

29. Талабот ба ҳайати Шуро барои ихтисосҳои нодир (тибқи Феҳристи ихтисосҳо)*(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*:

- барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат на кам аз 5 мутахассиси дорои дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат (2 доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда ва 3 доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи интишорот);

- барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос на кам аз 5 мутахассиси дорои дараҷаи илмӣ (1 доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда ва 4 номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи интишорот) *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

30. Дар ҳолати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани шумораи кофии мутахассисон барои таъсиси Шуро, ба тариқи истисно ба ҳайати он мутахассисон аз кишварҳои хориҷӣ (на зиёда аз ду нафар аз рӯи ҳар як ихтисос) шомил шуда метавонанд. Дар ин сурат хароҷоти даъвати мутахассисони аз хориҷи кишвар ҷалбшуда ба зиммаи Муассиса вогузор мегардад.

31. Шумораи аъзо, ҳайати шахсӣ, мӯҳлати ваколати Шуро ва феҳристи ихтисосҳои соҳаи илме, ки аз рӯи онҳо ҳимояи диссертатсияҳо баргузор мегарданд, дар асоси дархости Муассиса бо қарори Раёсати Комиссия тасдиқ карда мешавад. Дархост бояд фарогири иттилоот дар бораи дастовардҳои илмии Муассиса дар соҳаи дахлдори илм, шумораи докторони илм, докторони ҳабилитат, номзадҳои илм ва докторони фаласафа (PhD)-докторон аз рӯи ихтисос, мавҷуд будани аспирантура, докторантура, докторантура аз рӯи ихтисос, постдокторантура ва ниҳоди (институти) унвонҷӯӣ бошад. Дар сурати мавҷуд набудани шиносномаи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо Шуро таъсис дода мешавад, Муассиса ба дархост лоиҳаи шиносномаи ин ихтисосҳоро илова менамояд.

32. Доктори илм, доктори ҳабилитат, номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос дар як Шуро танҳо як ихтисосро намояндагӣ мекунад. Як мутахассис бо дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат метавонад ба ҳайати на зиёда аз 3 Шуро дохил шавад. Мутахассиси дорои дараҷаи илмии номзади

илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос метавонад ба ҳайати на зиёда аз 2 Шуро дохил шавад. Кормандони басти кории Комиссия, узви Раёсати Комиссия ва аъзои шурои экспертии Комиссия наметавонанд аъзои Шуро бошанд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295*).

33. Роҳбар ва муовини роҳбари мақоми давлатӣ, инчунин узви Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Шуро, муовини ӯ ва котиби илмӣ шуда наметавонанд.

34. Тағйири ҳайати Шуро, иваз намудани раис, муовини ӯ ва котиби илмии Шуро дар асоси дархости Муассиса бо қарори Раёсати Комиссия сурат мегирад. Тағйири ҳайати Шуро, аз ҷумла иваз намудани раис, муовини ӯ ва котиби илмии Шуро метавонад бо ташаббуси Комиссия амалӣ гардад. Агар узви Шуро бе сабабҳои узрнок дар 3 ҷаласаи Шуро иштирок накунад, аз ҳайати Шуро хориҷ карда мешавад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295*).

35. Ҳангоми тағйири феҳристи ихтисосҳо ва соҳаҳои илме, ки аз рӯи он Шуро таъсис дода мешавад ва дар мавриди тамдиди ваколати он барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ба ҳамон тартибе, ки барои таъсис додани Шурои нав муайян шудааст, сурат мегирад.

36. Шуро метавонад бо иҷозати Комиссия барои ҳимояи диссертатсияҳое, ки ба тахассуси он қаробат доранд, ҳимояи якдафъаина ташкил намояд.

37. Дар мавриди ташкили ҳимояи якдафъаина ба ҳайати шурои амалкунанда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос на кам аз 5 мутахассиси соҳа аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда ворид карда мешаванд (2 доктори илм ё доктори ҳабилитат ва 3 номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос). Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва ё доктори ҳабилитат номзадони илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос аз ҳайати Шуро, ки барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина ташкил мешавад, бароварда шуда, ба ҳайати шурои амалкунанда аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда на кам аз 5 доктори илм ё доктори ҳабилитат ворид карда мешаванд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295*).

38. хориҷ карда шуд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295*).

39. Роҳбари муассиса ё раиси Шуро барои ташкили ҳимояи якдафъаина ҷиҳати дохил намудани аъзои иловагӣ ба Комиссия

дархост ирсол менамояд. Ба дархост ҳамаи ҳуҷҷатҳоеро, ки барои аъзои Шуро Низомномаи мазкур муқаррар кардааст, замима менамояд.

40. Ҳангоми ба охир расидани муҳлати фаъолияти Шуро Муассиса бо дархост ҷиҳати тамдиди фаъолияти он ба Комиссия муроҷиат намуда, ҳуҷҷатҳои заруриро тибқи талаботи Низомномаи мазкур замима менамояд (замимаи 3). Дар ин сурат Шуро вазифадор аст, ки 2 моҳ пеш аз ба охир расидани муҳлати фаъолияти худ ҳуҷҷатҳои лозимаро ба Комиссия пешниҳод намояд. Қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсия пас аз анҷоми фаъолияти Шуро то тамдиди он, қатъиян манъ аст.

41. Муҳлати баррасии дархости Муассиса оид ба таъсиси Шуро дар Комиссия аз лаҳзаи воридшавии ҳуҷҷатҳои зарурӣ то 3 моҳ муқаррар мегардад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

## 3. ТАШКИЛИ КОРИ ШУРО

42. Шакли асосии фаъолияти Шуро маҷлис мебошад. Маҷлиси Шуро дар сурате босалоҳият ҳисобида мешавад, ки агар на кам аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои он иштирок намоянд. Салоҳиятнокии маҷлис бо нишон додани ному насаби иштироккунанда аз рӯи варақаи ҳузурӣ бо имзои раис ва котиби илмӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос иштироки на кам аз 3 доктори илм ё доктори ҳабилитат ва 2 номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос, ки аз рӯи ихтисоси илмии диссертатсия мутахассис ба ҳисоб меравaнд, ҳатмӣ мебошад. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат иштироки на кам аз 5 доктори илм ё доктори ҳабилитат зарур мебошад. Узви Шурои аз хориҷа даъватшуда, ки дар маҷлиси Шуро бо тариқи ҳузурӣ имконияти иштирок карданро надорад, метавонад ба таври маҷозӣ (онлайн) иштирок кунад. Дар ҳолати истисноӣ бо сабабҳои узрнок (беморӣ, сафари хизматӣ ва дигар сабабҳо) то се узви Шуро метавонанд ба таври маҷозӣ дар маҷлис иштирок намоянд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

43. Қарори Шуро оид ба масъалаи додани дараҷаи илмӣ дар сурате қабулшуда ҳисобида мешавад, ки агар ба тарафдории он на кам аз се ду ҳиссаи аъзои дар маҷлис иштирокдоштаи Шуро овоз

дода бошанд. Ҳузури аъзои Шуро дар маҷлис дар пайнавис (стенограмма) ва сабти аудио-видеоӣ дарҷ карда мешавад.

44. Ба маҷлиси Шуро раиси Шуро роҳбарӣ мекунад. Ҳангоми бо сабабҳои узрнок ҳузур надоштани ӯ, вазифаи раис ба уҳдаи муовини ӯ вогузор мегардад. Агар раиси Шуро ё муовини ӯ роҳбар (мушовир)-и илмӣ ва ё хешованди наздики довталаби дараҷаи илмӣ бошад, ҳуқуқи роҳбарии маҷлисро надорад. Дар мавриди имконнопазир будани иҷрои вазифа аз тарафи раис ва муовини раиси Шуро маҷлис ба вақти дигар ба муҳлати на кам аз 10 рӯз гузаронида мешавад. Дар ин хусус қарори Шуро ба парвандаи аттестатсионӣ замима мегардад. Дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои фавқулодда бо сабабҳои беморӣ, эпидемия, ҳодисаҳои техногенӣ ва ғайра, ки ҳузури раис ва муовини ӯро дар кори Шуро зиёда аз як моҳ истисно менамояд, бо қарори Шуро баъди гирифтани иҷозати Комиссия вазифаи раисикунанда мумкин аст ба уҳдаи яке аз аъзои собиқадори ботаҷрибаи он вогузор гардад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

45. Дар мавриди дар маҷлис ҳузур надоштани котиби илмии Шуро ва роҳбари илмӣ (мушовир), ё хешу табори наздики довталаб, ё роҳбари илми (мушовир)-и ӯ будан бо овоздиҳии ошкоро иҷрои вазифаи котиби илмӣ ба уҳдаи яке аз аъзои Шуро вогузор мегардад. Котиби илмии Шуро, чун қоида, бояд корманди басти доимии Муассиса бошад. Агар ҳамзамон раис, муовини раис ва котиби илмӣ вазифаҳои худро иҷро карда натавонанд, маҷлиси Шуро гузаронида намешавад.

46. Шуро метавонад дар як рӯзи корӣ на зиёда аз 2 маҷлис баргузор намояд. Дар як маҷлис ҳимояи як диссертатсия иҷозат дода мешавад. Ба таври илова дар маҷлис Шуро метавонад масъалаи қабули диссертатсия ба ҳимоя ва масъалаҳои дигари ташкилиро баррасӣ намояд.

47. Протоколи маҷлиси Шуро дар асоси пайнавис (стенограмма) ва сабти аудио-видеоӣ мураттаб ва ба расмият дароварда шуда, аз тарафи раис ва котиби илмӣ имзо карда мешавад. Дар протоколи Шуро оғоз ва анҷоми маҷлис, ҳузури аъзо, аз ҷумла аъзо аз рӯи ихтисоси ҳимояшаванда ва мутахассисон аз рӯи ҳимояи якдафъаина қайд карда мешаванд.

48. Дар протоколи маҷлиси Шуро бояд ҷараёни кори он, саволу ҷавоб бо довталаб, суханронии муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ, баҳсу мунозираҳо доир ба диссертатсия, натиҷаи овоздиҳӣ ва

раванди тасдиқи протоколи овоздиҳии пинҳонӣ бояд пурра инъикос карда шаванд. Дар ҳолати вайрон шудани қоидаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ҳайати комиссияи ҳисоб иваз карда шуда, овоздиҳии такрорӣ гузаронида мешавад.

49. Протоколи маҷлиси Шуро бо овоздиҳии ошкоро бо тарафдории аксарияти аъзои Шуро тасдиқ карда мешавад.

50. Пайнавис (стенограмма) ва навори видеоии ба протоколи маҷлиси Шуро замимагардида ба Комиссия ирсол карда шуда, нусхаи он муддати як сол дар Шуро нигоҳ дошта мешаванд.

## 4. ҚАБУЛИ ДИССЕРТАТСИЯ ВА ЭКСПЕРТИЗАИ ОН

51. Шуро барои баррасӣ диссертатсияеро қабул мекунад, ки ба он Муассисаи мавзуъ ва роҳбари илмии довталабро тасдиқнамуда хулосаи мусбат дода бошад. Диссертатсия бояд ба ихтисосҳо ва соҳаи илме, ки аз рӯи онҳо ба Шуро ҳуқуқи гузаронидани ҳимоя дода шудааст, мутобиқ бошад.

52. Довталаби дараҷаи илмӣ, ки диссертатсияи ӯ аз тарафи Муассиса ба ҳимоя тавсия шудааст, ба Шуро ҳуҷҷатҳо ва маводи заруриро тибқи банди 57 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд.

53. Диссертатсия ба Шуро тибқи муқаррароти Комиссия дар шакли дастнависи компютерии бо барномаи антиплагиат санҷидашуда пешниҳод карда мешавад.

54. Баъди аз ҷониби Шуро ба ҳимоя қабул шудани диссертатсия ворид намудани тағйиру иловаҳо ба матни он, инчунин ворид намудани тағйиру иловаҳо ба матни автореферати диссертатсия манъ аст. Довталаб метавонад ба матни диссертатсия ва автореферати он тағйиру иловаҳо ворид намояд, агар диссертатсияро бо тартиби муқарраргардида аз ҳимоя бозхонд намуда бошад.

55. Котиби илмии Шуро парвандаи аттестатсионии пешниҳодгардидаро тибқи талаботи муқарраршуда санҷида, дар дафтари сабт ба қайд мегирад.

56. Дар мавриди мутобиқати ҳуҷҷатҳо ба талаботи муқарраршуда Шуро дар бораи гузаронидани экспертизаи диссертатсия ва таъйини комиссияи экспертӣ қарор қабул мекунад. Тартиби таъйини комиссияи экспертӣ ва гузаронидани экспертиза

тибқи бандҳои 57-60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ сурат мегирад.

57. Барои рад намудани баррасии минбаъдаи диссертатсия инҳо асос шуда метавонанд:

- хулосаи манфӣ аз рӯи натиҷаи экспертиза;
- мутобиқат накардани ихтисоси диссертатсия ба ихтисосҳо ва (ё) соҳаҳои илми ба Шуро вогузоршуда;
- имконнопазир будани ташкили ҳимояи якдафъаина.

58. Шахсони зерин эксперти диссертатсия шуда наметавонанд:

- раиси Шуро;
- роҳбари муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст;
- роҳбари илмӣ (мушовир);
- ҳаммуаллифони таълифоти довталаб;
- хешовандони наздики довталаб ва роҳбар (мушовир)-и илмии ӯ (падар, модар, зан, шавҳар, фарзанд, бародар ва хоҳар);
- шахси зертобеи довталаб;
- корманди басти кории Комиссия;
- узви шурои экспертии дахлдори Комиссия.
- узви Раёсати Комиссия.

59. Шуро ҳуқуқ дорад, аз муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст, маводи иловагӣ талаб намояд.

60. Шуро дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар хусуси ба баррасӣ қабул шудан ё нашудани диссертатсия ба довталаб иттилоъ медиҳад.

61. Ҳангоми мусбат арзёбӣ шудани натиҷаи экспертизаи диссертатсия Шуро бо қарори худ диссертатсияро ба ҳимоя қабул намуда, муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбарро тибқи бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ таъйин менамояд. Инчунин дар мавриди зарурӣ масъалаи ташкили ҳимояи якдафъинаи диссертатсияро бо тартиби муқарраргардида ҳал менамояд.

62. Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар вазифадоранд, ки дар мӯҳлати муқарраршуда тақризҳоро омода намоянд. Агар тақризи муқарризи расмӣ, муассисаи пешбар ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ набошад, Шуро ҳуқуқ дорад, ки онро барои коркард баргардонад ё муқарризи расмӣ ва муассисаи пешбарро иваз кунад. Дар ин ҳолат санаи нави ҳимояи диссертатсия муқаррар карда мешавад.

63. Баъди ба ҳимоя қабул намудани диссертатсия матни пурра ва автореферати он, инчунин эълони санаи ҳимоя дар муҳлати на дертар аз 5 рӯз дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссия ҷойгир карда мешавад.

Ҳуҷҷатҳои зерин, ки дар раванди баррасии диссертатсия дар Шуро қабул мегарданд, дар сомонаи Муассиса ҷойгир карда мешаванд:

- тақризи роҳбар (мушовир)-и илмӣ;
- маълумотнома дар бораи роҳбар (мушовир)-и илмӣ;
- хулосаи натиҷаҳои ташхиси муқаддамотии диссертатсия дар муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст;
- протоколи шурои диссертатсионӣ дар бораи таин намудани комиссияи экспертӣ;
- хулосаи комиссияи экспертӣ;
- протоколи шурои диссертатсионӣ дар бораи ба ҳимоя қабул намудани диссертатсия;
- маълумотнома дар бораи муқарризони расмӣ;
- маълумотнома дар бораи муассисаи пешбар;
- тақризҳои муқарризони расмӣ;
- тақризи муассисаи пешбар;
- тақризҳо ба автореферат (агар бошанд);
- протоколи ҷаласаи шурои диссератсионӣ;
- хулосаи шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

64. Муҳлати баррасии диссертатсия дар Шуро аз вақти қабули он то баргузории ҳимоя барои диссертатсия оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос, номзади илм бояд на зиёда аз 3 моҳ ва барои диссертатсия оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат на зиёда аз 4 моҳ бошад. Матнҳои диссертатсия ва автореферати ба ҳимоя қабулшудаи довталаби дараҷаи илмӣ то 7 моҳи дигари баъди ҳимоя ва қабули қарори дахлдори Раёсати Комиссия дар сомонаи расмии Комиссия ва сомонаи Муассиса боқӣ мемонанд.

65. Автореферати диссертатсия ба суроғаи муассисаҳо аз рӯи феҳристи ҳатмӣ ва дахлдор на дертар аз 1 моҳ то рӯзи ҳимоя ирсол карда мешавад (замимаи 9). Як нусхаи диссертатсия ва ду нусхаи автореферат ба китобхонаи Муассиса супорида мешавад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295*).

66. Дар автореферат бояд суроға, сана ва соати баргузории маҷлиси Шуро оид ба ҳимояи диссертатсия нишон дода шавад. Ба ғайр аз ин, дар автореферат имзои довталаб ва котиби илмии Шуро гузошта мешавад.

67. Эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Комиссия барои диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос ва номзади илм на дертар аз 2 моҳ ва барои диссертатсияҳои доктори илм ва доктори ҳабилитат на дертар аз 3 моҳ пеш аз ҳимоя ҷойгир карда мешавад.

68. Эълони ҳимояи диссертатсия дар Муассиса на дертар аз 5 рӯз пеш аз ҳимоя бо нишон додани сана, вақт ва ҷои баргузоршавии маҷлиси Шуро насб карда мешавад. Ҳангоми ба вақти дигар гузаронидани санаи ҳимоя Шуро вазифадор аст, ки Комиссияро дар ин хусус бо нишон додани сабабҳои он огоҳ намуда, эълони навро дар сомонаи Муассиса ҷойгир намояд.

69. Шуро вазифадор аст, ки тақризҳои муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва тақризҳои дигари воридшударо на дертар аз 10 рӯз пеш аз ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Муассиса ҷойгир намуда, довталабро бо онҳо шинос намояд.

70. Хулосаи ниҳоии Шуро оид ба диссертатсия дар шакли лоиҳа бо пешниҳоди раиси Шуро аз ҷониби яке аз аъзои комиссияи экспертӣ дар асоси таҳлили тақризҳои муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва тақризҳои дигари воридшуда таҳия карда мешавад (замимаи 4).

71. Агар диссертатсия аз рӯи ду ихтисос пешниҳод шуда бошад, дар лоиҳаи хулосаи Шуро бо дарназардошти нуктаҳои дар замимаи 4 зикршуда бояд қайд карда шавад, ки довталаб аз рӯи ҳар ду ё яке аз ихтисосҳо ба дараҷаи илмӣ сазовор дониста мешавад.

72. Хулосаи Шуро ба Комиссия бояд дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда шавад.

## 5. ҲИМОЯИ ДИССЕРТАТСИЯ

73. Ҳимояи диссертатсия дар маҷлиси Шуро ошкоро, бо мубоҳисаи илмӣ, серталабӣ, воқеъбинӣ, масъулиятшиносӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ сурат мегирад.

74. Раванди ҳимоя бояд фарогири масъалаҳои зерин бошад:

- хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295);*

- мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илме, ки ба Шуро вогузор шудааст;

- мубрамияти мавзӯи диссертатсия;

- сатҳи баланд ва навгониҳои илмии таҳқиқот;

- боэътимод ва асоснок будани натиҷаҳо, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия баррасӣ шудаанд;

- саҳми шахсии довталаб дар бораи натиҷаҳои бадастовардашуда;

- аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия;

- истифодаи натиҷаҳои он дар истеҳсолот;

- риояи талабот оид ба таълифи диссертатсия;

- мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.

75. Нисбат ба диссертатсия ҳар шахс метавонад андешаҳои худро пеш аз ҳимоя, дар ҷараёни ҳимоя ва баъди ҳимоя ба таври хаттӣ ё шифоҳӣ иброз намояд.

76. Дар оғози маҷлис раис дар асоси варақаи сабти ҳузури аъзои Шуро (замимаи 5) дар бораи салоҳиятнок будани маҷлис ҳозиринро огоҳ карда, рӯзномаи онро эълон мекунад, ки он ба протокол ҳамроҳ карда мешавад. Агар ҷаласаи Шуро дар санаи муқарраршуда бинобар набудани кворум, иштирок накардани муқарризони расмӣ ё пешниҳод нагардидани тақризи муассисаи пешбар баргузор нагардад, Шуро бо огоҳ намудани Комиссия санаи нави ҳимояро таъин менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

77. Иштироки муқарризони расмӣ дар ҳимояи диссертатсия ҳатмӣ мебошад. Дар мавриди бо сабабҳои узрнок иштирок надоштани яке аз муқарризони расмӣ гузаронидани ҳимоя дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки агар ӯ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод карда бошад. Дар ҳолатҳои истисноӣ муқарризони расмӣ метавонанд ба таври фосилавӣ (on-line) дар ҳимоя иштирок намоянд.

78. Раиси Шуро дар маҷлис насаб, ном, номи падари довталаб, мавзӯи диссертатсия, ихтисос ва соҳаи илмеро, ки аз рӯи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст, муассисаи пешбар, насаб, ном, номи падар, дараҷаи илмӣ, вазифа ва ҷойи кори муқарризони расмӣ, аъзои Шуроро, ки мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсия мебошанд, эълон мекунад.

79. Котиби илмии Шуро бо муҳтавои асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаб ҳозиринро шинос карда, дар бораи мутобиқати онҳо ба талаботи муқарраршуда иттилоъ медиҳад. Дар сурати доир намудани ҳимояи такрории диссертатсия, оид ба ҳимояи аввалаи он низ иттилоъ дода мешавад.

80. Лоиҳаи хулосаи Шуро оид ба диссертатсия ба аъзои Шуро барои шиносӣ пеш аз оғози маҷлис пешниҳод карда мешавад.

81. Барои маърӯза ба довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос ва номзади илм то 20 дақиқа ва барои доктори ҳабилитат ва доктори илм то 40 дақиқа вақт дода мешавад. Пас аз он дар маҷлис саволу ҷавоб бо довталаб ба тариқи музокира сурат мегирад.

82. Баъд аз ҷавоби довталаб ба саволҳои аъзои Шуро ва иштирокчиёни дигар сухан ба роҳбар (мушовир)-и илмӣ дода мешавад. Дар баромади роҳбар (мушовир)-и илмӣ баҳои илмии диссертатсия, тавсифномаи фаъолияти илмӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва истеҳсолии довталаб, ҳамчунин сазовор будани ӯ ба дараҷаи илмӣ қайд карда мешавад. Дар ҳолати ҳузур надоштан ва ё бо хоҳиши роҳбар (мушовир)-и илмӣ котиби илмӣ метавонад тақризи ӯро қироат намояд.

83. Котиби илмии Шуро ҳозиринро бо хулоса оид ба натиҷаҳои экспертизаи муқаддамотии диссертатсия, тақризи муассисаи пешбар (пурра қироат мекунад), тақризҳои дигар оид ба диссертатсия ва автореферати он ки ба Шуро ворид шудаанд, шинос мекунад. Бо ризоияти Шуро котиби илмӣ метавонад шарҳи тақризҳоро оид ба диссертатсия ва автореферати он, бо қироати ҳатмии эродҳои дар он қайдшуда пешниҳод намояд. Тақризҳои манфӣ пурра қироат мешаванд.

84. Баъди шинос намудани ҳозирин бо тақризҳо сухан ба довталаб барои ҷавоб додан ба эродҳои дар тақризҳо ҷойдошта дода мешавад.

85. Пас аз анҷоми ҷавобҳои довталаб сухан ба муқарризони расмӣ дода мешавад. Муқарризон эродҳои ҷойдошта ва баҳои ниҳоиро ба диссертатсия, ки дар тақризҳо ҷой доранд, пурра қироат мекунанд. Дар мавриди ҳозир набудани яке аз муқарризон тақризи ӯ аз тарафи котиби илмии Шуро қироат карда мешавад.

86. Баъд аз суханронии ҳар як муқарриз ба довталаб барои ҷавоб гуфтан иҷозат дода мешавад.

87. Аъзои Шуро, ки оид ба ихтисоси диссертатсия мутахассис муқаррар шудаанд, вазифадоранд дар мубоҳиса иштирок кунанд ва ба диссертатсия баҳои асоснок диҳанд.

88. Ҳар як иштироккунандаи маҷлиси Шуро ҳуқуқ дорад, ки ба ҳайси муқарризи ғайрирасмӣ баромад намояд. Дар ҷараёни мубоҳиса довталаб ба эродҳои гирифтаи муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб медиҳад.

89. Баъди ба итмом расидани мубоҳисаҳо Шуро ба тартиби муқарраргардида овоздиҳии пинҳонӣ мегузаронад. Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ бо протоколи комиссияи ҳисоб ба расмият даровარда мешавад.

90. Лоиҳаи хулосаи Шуро аз рӯи ҳимояи диссертатсия муҳокима шуда, протоколи маҷлис бо овоздиҳии ошкоро тасдиқ карда мешавад.

91. Дар мавриди манфӣ будани натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ Шуро доир ба диссертатсия хулоса қабул намекунад.

92. Довталаб тибқи банди 101 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҳуқуқ дорад, то оғози овоздиҳии пинҳонӣ бо ариза диссертатсияашро аз баррасии Шуро бозпас гирад. Шуро дар ин хусус ба Комиссия иттилоъ медиҳад.

93. Ба ғайр аз як нусхаи диссертатсия, ки якҷо бо ҳуҷҷатҳои дигари парвандаи аттестатсионӣ дар Шуро ба тартиби муқарраргардида маҳфуз дошта мешавад, ҳуҷҷатҳои дигар ба довталаб баргардонида мешаванд. Довталаб метавонад пас аз як сол баъди коркарди иловагӣ диссертатсияро такроран ба ҳимоя пешниҳод намояд.

94. Дар сурати ошкор гардидани сохтакорӣ, таҳриф, асардуздӣ ва хариду фурӯши натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ Шуро бо қарори худ бе ҳуқуқи ҳимояи такрорӣ диссертатсияро аз баррасии минбаъда бозпас гирифта, нусхаи қарорро бо замимаи протоколи маҷлис ба Комиссия ирсол мекунад.

95. Ҳангоми аз ҷониби Шуро қабул шудани қарори мусбат нусхаҳои диссертатсия ва автореферати он дар муддати 20 рӯз ба Муассисаи давлатии "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои дигари дахлдор ба тартиби муқарраргардида ирсол карда мешаванд.

96. Аз рӯи натиҷаи баррасии диссертатсия Шуро дар муддати то 30 рӯз парвандаи аттестатсионии довталабро ба Комиссия пешниҳод менамояд. Ҳангоми ба Комиссия саривақт пешниҳод

нагардидани парвандаи аттестатсионӣ раиси Шуро дар мактуби ҳамроҳ сабабҳои таъхири онро тавзеҳ медиҳад. Дар сурати бе сабабҳои узрнок ба таъхир андохтани пешниҳоди парванда Комиссия Шуроро огоҳ менамояд.

97. Ҳуҷҷатҳои аттестатсионии довталаб ба Комиссия бояд дар шакли саҳифабандишуда (замимаи 6) ба забоне пешниҳод гардад, ки диссертатсия таълиф шудааст.

98. Ҳангоми қабули қарори манфӣ Шуро ба Комиссия нусхаи хулосаро оид ба натиҷаҳои экспертизаи аввалияи диссертатсия, автореферати диссертатсия, нусхаи тақризҳои ба он воридшуда, тақризҳои муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва протоколи маҷлиси Шуроро ирсол менамояд. Ба протоколи маҷлис маълумотномаи мураттабнамудаи котиби илмии Шуро ҳамчун асос барои қабули қарор замима мегардад, ки он бояд фарогири эродҳои дар тақризҳои расмӣ оид ба диссертатсия ва автореферат ҷойдошта, ҳангоми ҳимоя баёншударо дарбар гирад. Маълумотнома бо имзои раис ва котиби илмии Шуро таҳия шуда, аз ҷониби роҳбари Муассиса тасдиқ карда мешавад.

99. Довталаб ҳуқуқ дорад дар муддати на зиёда аз 1 моҳ пас аз қабули қарори манфии Шуро ба Комиссия шикоят намояд. Баррасии шикоят аз ҷониби Комиссия бо тартиби муқarrаргардида сурат мегирад.

100. Ҳимояи такрории диссертатсияи азнавкоркардшуда на барвақттар аз як сол пас аз қабули қарори манфии Шуро иҷозат дода мешавад.

101. Дар хулосаи муассисае, ки экспертизаи аввалияи диссертатсияи азнавкоркардшударо гузаронидааст, бояд тағйиру иловаҳои муҳими воридкардашуда қайд карда шаванд. Ҳимояи такрории диссертатсия бо иваз намудани муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар баргузор мегардад.

102. Дар сурати аз ҷониби Шуро баргузор намудани ҳимояи диссертатсия баъди гузаштани мӯҳлати ваколати он, ҳимоя беэътибор дониста мешавад.

103. Дар сурати тибқи замимаи 6 ба Комиссия пешниҳод нагардидани парвандаи аттестатсионии довталаб ва риоя нашудани тартиби барасмиятдарории он Комиссия парвандаро ба Шуро барои коркард бармегардонад. Дар ин ҳолат мӯҳлати баррасии диссертатсия дар Комиссия аз лаҳзаи қабули маводи такмилшуда мутобиқи талаботи муқарраргардида ҳисобида мешавад.

104. Ҳангоми мавҷуд будани эродҳои шурои экспертӣ дар хусуси барасмиятдарории техникии хулоса оид ба диссертатсия Шуро вазифадор аст, ки онҳоро дар муддати даҳ рӯз ислоҳ кунад. Ин вақт ба мӯҳлати муқарраршудаи баррасии диссертатсия дар Комиссия дохил намешавад.

## 6. ТАРТИБИ ОВОЗДИҲИИ ПИНҲОНӢ

105. Барои овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати се нафар аз ҷумлаи аъзои Шуро комиссияи ҳисоб интихоб карда мешавад.

106. Дар овоздиҳии пинҳонӣ он аъзои Шуро иштирок карда метавонад, ки агар дар маҷлис аз аввал то ба охир иштирок карда, дар варақаи ҳузур имзо гузошта бошад. Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ ҳузури довталаб ва шахсони ғайр қатъиян манъ аст. Раванди овоздиҳии ҳар як узви Шуро бояд пурра дар сабти видеоӣ нишон дода шавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

107. Дар мавриди бо сабабҳои узрнок тарк кардани маҷлис аъзои Шуро вазифадор аст, ки дар ин хусус котиби илмиро огоҳ намояд. Котиби илмӣ ба варақаи ҳузур қайди дахлдорро ворид менамояд.

108. Комиссияи ҳисоб бюллетенҳоро (замимаи 7) омода намуда, ба аъзои Шуро бо гирифтани имзои онҳо тақсим мекунад. Бюллетенҳои тақсимнашуда бо қайди дахлдор то оғози овоздиҳии пинҳонӣ дар комиссияи ҳисоб нигоҳ дошта мешавад. Пеш аз овоздиҳии пинҳонӣ комиссияи ҳисоб шаффофияти қуттии бюллетенҳоро месанҷад.

109. Аъзои Шуро дар овоздиҳии пинҳонӣ иштирок намуда, тибқи муқаррарот ба тарафдорӣ ё муқобили лоиҳаи қарор овоз медиҳад. Овоздиҳии аъзои Шуро махфӣ буда, ба назорат аз болои он роҳ дода намешавад. Инчунин вогузор намудани ҳуқуқи овоздиҳӣ ба аъзои дигари Шуро манъ аст. Ҳангоми риоя нагардидани қоидаи мазкур овоздиҳии такрорӣ гузаронида мешавад.

110. Комиссияи ҳисоб натиҷаи овоздиҳиро аз рӯи бюллетенҳои истифодашуда муайян мекунад.

111. Аз рӯи натиҷаи ҷамъбасти овоздиҳӣ протоколи (замимаи 8) маҷлиси комиссияи ҳисоб мураттаб карда шуда, он бо бюллетенҳои истифодашуда ва тақсимнашуда ба котиби илмии Шуро супорида мешаванд.

112. Протоколи маҷлиси комиссияи ҳисоб ва варақаи ҳузур ба протоколи маҷлиси Шуро замима карда шуда, бюллетенҳои истифодашуда ва тақсимнашуда дар лифофа ҷойгир, ширеш ва муҳр гузошта мешавад. Ҳуҷҷатҳои мазкур то қабул гардидани қарори ниҳоии Раёсати Комиссия аз рӯи масъалаи додан ё надодани дараҷаи илмӣ ҳамроҳ бо парвандаи аттестатсионии довталаб то муддати 1 сол дар Шуро маҳфуз дошта мешаванд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

113. Дар сурати аз ҷониби Шуро риоя нагардидани тартиби муқарраршудаи баррасии диссертатсия Комиссия ҳуқуқ дорад қарори Шуроро оид ба додани дараҷаи илмӣ бекор намуда, диссертатсияро барои ҳимояи такрорӣ баргардонад.

## 7. МАҲРУМ ВА БАРҚАРОР КАРДАНИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

114. Шуро доир ба маҳрум ва барқарор кардани дараҷаи илмӣ тибқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ қарор қабул мекунад.

## 8. ТАЪМИНОТИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ ШУРО ВА НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ ОН

115. Муассиса таъминоти моддӣ-техникӣ ва шароити мусоидро барои фаъолияти Шуро фароҳам месозад. Барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои Шуро бо муҳри Муассиса тасдиқ карда мешавад.

116. Дар сурати таъсис додани Шурои муштарак таъминоти моддӣ-техникӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолияти Шуро тибқи шартномаи тарафҳо амалӣ карда мешавад.

117. Назорат аз болои фаъолияти Шуро аз ҷониби Комиссия амалӣ карда мешавад.

118. Шуро вазифадор аст, ки ба Комиссия то 15 январи соли тақвимӣ ё 15 рӯз пас аз санаи хотима ёфтани ваколати худ аз рӯи шакли муқарраршуда ҳисобот пешниҳод кунад.

119. Дар мавриди ба охир расидани муҳлати ваколати Шуро фаъолияти он аз тарафи Комиссия тибқи банди 40 Низомномаи мазкур ба муҳлати то 5 сол метавонад тамдид карда шавад. Дар ин сурат Муассиса ба Комиссия на дертар аз 2 моҳ то ба охир расидани муҳлати ваколати Шуро бо замима намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ (замимаи 3) дархост манзур менамояд.

120. Боздоштани фаъолияти Шуро бо қарори Раёсати Комиссия дар ҳолати риоя нагардидани талаботи банди 7 Низомномаи мазкур бо роҳи ба таври хаттӣ огоҳ кардани роҳбари Муассиса ба муҳлати то 6 моҳ амалӣ карда мешавад. Шуро аз лаҳзаи боздошта шудани фаъолияташ ҳуқуқ надорад, ки диссертатсияро ба баррасӣ қабул кунад. Шуро дар ин муддат хатоҳои роҳдодашударо ислоҳ намуда, метавонад ба Комиссия оид ба бекор карда шудани боздории фаъолияташ масъала гузорад.

121. Фаъолияти Шуро дар ҳолатҳои зерин қатъ гардонида мешавад:

- дар ҳолати бартараф накардани камбудиҳо;
- такроран риоя нагардидани талаботи бандҳои 7 ва 120 Низомномаи мазкур;
- такроран гузаронидани ҳимояи диссертатсия бо теъдоди нокифояи мутахассисони соҳа;
- ба охир расидани муҳлати фаъолият ва пешниҳод нагардидани дархост ҷиҳати тамдиди он;
- ошкор гардидани ҳолатҳои номатлуби коррупсионӣ;
- баргузор намудани ҳимояи диссертатсия дар мавриди ошкор будани амали ношоистаи илмии довталаб.

122. Комиссия баррасии диссертатсияҳоеро, ки то тамдид, эълони боз доштан ё қатъ гардонидани фаъолияти Шуро ба баррасӣ қабул шудаанд, тибқи муқаррарот ҳал менамояд.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

123. Иҷрои талаботи Низомномаи мазкур барои ҳамаи муассисаҳое, ки дар наздашон Шуроҳо амал мекунанд, ҳатмӣ мебошад.

124. Шуро баррасии диссертатсияҳоеро, ки дорои сирри давлатӣ ё хидматӣ мебошанд, бо риоя намудани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сирри давлатӣ ва мутобиқи Низомномаи мазкур амалӣ менамояд.

125. Шуро масъалаҳои дигареро, ки дар Низомномаи мазкур танзим нагардидаанд, тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал менамояд.

***** дар тамоми матни Низомнома калимаҳои "ШӮРО", "Шӯро", "Шӯрои", "шӯрои", "Шӯроро" ва "шӯроҳои" мувофиқан ба**

**калимаҳои "ШУРО", "Шуро", "Шурои", "шурои", "Шуроро" ва "шуроҳои" иваз карда шудааст** *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*

Замимаҳои 1-9 *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30" июни соли 2021, № 267

# ТАРТИБИ ДОДАНИ ДАРАҶАҲОИ ИЛМӢ
(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (минбаъд - **Тартиби мазкур**) қоидаҳо, талабот ва меъёрҳои пешниҳод кардани парвандаҳои аттестатсионии довталабон барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат, маҳрум ва барқарор кардани дараҷаҳои илмӣ, баробарарзиши (нострификатсия)-и дараҷаҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда, аз нав аттестатсия намудани дараҷаҳои илмии дар давлатҳои хориҷа бадастовардае, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо оид ба баробарарзиш эътироф намудани ин гуна ҳуҷҷатҳо шартнома ё созишнома надорад, баррасии арзу шикоятҳо ва дигар масъалаҳои аттестатсияи давлатии кадрҳои илмӣ ва (ё) илмӣ-техникии тахассуси олиро муқаррар мекунад.

2. Дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос, доктори илм ва доктори ҳабилитат мутобиқи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

3. Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-**Комиссия**) мутобиқати самтҳои тайёркунии кадрҳои илмӣ ва (ё) илмӣ-техникиро аз рӯи ихтисосҳои илмии диссертатсияҳои омодашуда дар аспирантура (адъюнктура), докторантура аз рӯи ихтисос, докторантура ва постдокторантура, инчунин унвонҷӯёнро тибқи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

4. Дараҷаи илмиро дипломи намунаи давлатии дахлдор тасдиқ менамояд, ки он дар асоси дархости шурои диссертатсионӣ (минбаъд-**Шуро**) бо қарори Раёсати Комиссия дода мешавад.

5. Намунаи давлатии дипломи дараҷаҳои илмӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда, талаботи техникӣ, тартиби барасмиятдарорӣ ва додани онро Комиссия муқаррар ва амалӣ менамояд.

6. Қарор дар бораи додани дараҷаи илмӣ аз рӯзи аз тарафи Раёсати Комиссия қабул шудани он эътибор пайдо мекунад.

7. Раёсати Комиссия дар ҳолатҳои муқарраргардида метавонад дархости Шуроро вобаста ба додани дараҷаи илмӣ рад намояд.

8. Шуро барои қабули қарорҳои асоснок ва воқеӣ дар муайян кардани мутобиқати диссертатсияҳо ба меъёрҳои низомномавӣ, риояи тартиби пешниҳод ва ҳимояи диссертатсия дар Шуро, ки Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби мазкур муқаррар кардаанд, масъул мебошад.

9. Талабот ба муассисае, ки дар назди он Шуро таъсис дода мешавад, тартиби таъсисдиҳии он, узви Шуро, раванди омодасозии диссертатсия, қабул ва ҳимояи он мутобиқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби мазкур муайян карда мешавад.

10. Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, роҳбар (мушовир)-и илмӣ дар шурои олимони муассисаи илмию таҳқиқотӣ, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (минбаъд-**Муассиса**) тасдиқ карда мешавад. Тағйиру иловаҳо ба мавзуъ ва ивази роҳбари илмӣ ба зиммаи шурои олимони муассиса вогузор мегардад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

11. Тартиби тасдиқи мавзӯи диссертатсия, таъйини роҳбар (мушовир)-и илмӣ, шартҳои таъйин намудани ду роҳбар (мушовир)-и илмӣ ва талабот нисбат ба роҳбарони илмӣ тибқи тартиби муқарраргардида амалӣ мешавад.

12. Омодасозӣ ва баррасии диссертатсияҳои сирри давлатидошта ва маводи дигаре, ки пешниҳоди онҳо бо санадҳои қонунгузорӣ маҳдуд ё манъ шудааст, аз тарафи Комиссия бо тартиби муқарраргардида амалӣ мешавад.

13. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хориҷиён ва шахсони бешаҳрванд, ки берун аз ҳудуд ё дар дохили ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, метавонанд ба забони давлатӣ, русӣ ё англисӣ диссертатсия таҳия намоянд ва дар шуроҳои диссертатсионии ватанӣ ҳимоя кунанд. Диссертатсияҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд тибқи меъёрҳои дар Тартиби мазкур муқарраргардида ва шартҳои зерин ба Шуро қабул карда мешаванд:

- дар асоси шартномаи байни довталаб ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ё илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар назди он Шуро амал мекунад;

- дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ.

14. Додани дараҷаҳои илмӣ ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар сурате амалӣ карда мешавад, ки агар тартиби аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамудаи додани розигӣ барои ҳимояи диссертатсияҳо ба шахсони мазкур риоя шуда бошад.

15. Тартиби гузаронидани баробарарзиши (нострификатсия)-и дараҷаҳои илмии дар давлатҳои хориҷа бадастовардашуда тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба роҳ монда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

16. Масъалаҳои дигари марбут ба дараҷаҳои илмиро, ки Тартиби мазкур танзим накардааст, аз ҷониби Раёсати Комиссия тибқи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда бо тартиби муқарраргардида ҳал карда мешаванд.

## 2. МЕЪЁРҲОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

17. Барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ба довталаб зарур аст:

- соҳиби дипломи магистр ё мутахассис бошад (барои ихтисосҳои тиббии клиникӣ - доштани ҳуҷҷат дар бораи хатми резидентура ё ординатура, интернатура бо собиқаи 2-солаи кор, ба истисноии ихтисосҳои тибби назариявӣ);

- барномаи тайёркунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникиро дар аспирантура ё ба ҳайси унвонҷӯ аз худ карда бошад;

- имтиҳонҳои минимуми номзадиро супорида бошад;

- тибқи ихтисоси илмии аспирантура ё Феҳристи ихтисосҳои илмӣ (ба ҳайси унвонҷӯ) мустақилона диссертатсия омода карда бошад;

- аз муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст, хулосаи мусбат дошта бошад.

18. Мавзуи кори илмии довталаб дар доираи ихтисос, самт ва илмҳои ҳамҷавор тасдиқ карда мешавад. Агар ихтисоси бунёдии довталаб равияи илмҳои ҷамъиятию гуманитариро дар бар гирад, он гоҳ ҳимоя намудан дар самти илмҳои дақиқ, техникӣ, табиӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, байторӣ ва биологӣ иҷозат дода намешавад.

Агар довталаб ихтисоси бунёдии самти илмҳои техникӣ, табиӣ ва дақиқ дошта бошад, наметавонад дар самти илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ, ба истисноии илмҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ, таърихи илм ва методикаи таълим диссертатсия ҳимоя намояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

19. Дар ҳолати аз рӯи ду ихтисос омода кардани диссертатсия довталаб бояд аз ҳарду ихтисос имтиҳони минимуми номзадӣ супорад.

20. Агар аз супоридани имтиҳони минимуми номзадӣ аз рӯи ихтисос 5 сол сипарӣ шуда бошад, довталаб бояд онро аз нав супорад.

21. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос ба довталаб зарур аст, ки:

- дипломи дараҷаи таҳсилоти олии касбии магистр дошта бошад (барои ихтисосҳои тиббии клиникӣ - доштани дипломи мутахассис ё магистр, ҳуҷҷат дар бораи хатми резидентура ё ординатура, интернатура бо собиқаи 2-солаи кор, ба истисноии ихтисосҳои тибби назариявӣ);

- аз рӯи ихтисоси мутобиқ ба Феҳристи ихтисосҳои илмӣ барномаи тайёркунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникиро дар докторантура аз рӯи ихтисос аз худ карда бошад;

- имтиҳонҳои маҷмӯии муқарраршудаи докторантура аз рӯи ихтисосро супорида бошад;

- тибқи ихтисоси илмии докторантура аз рӯи ихтисос диссертатсия таҳия карда бошад;

- аз муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст, хулосаи мусбат дошта бошад.

21(1). Барои довталабони дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)доктор аз рӯйи ихтисос диссертатсия таҳия ва ҳимояи диссертатсия дар доираи ихтисоси таҳсил дар магистратура ва докторантура ба роҳ монда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

22. Довталабе, ки ихтисоси магистриаш ба соҳаи илми диссертатсияи омодакардааш мувофиқат намекунад, бояд дар ҳаҷми барномаи магистрии муассисаи таълимӣ аз рӯи соҳаи илми ба ихтисоси диссертатсия мувофиқбуда имтиҳони иловагӣ супорад.

23. Дар ҳолати аз рӯи ду ихтисос омода намудани диссертатсия довталаб бояд аз ҳарду ихтисос имтиҳонҳои маҷмӯӣ супорад.

24. Агар аз супоридани имтиҳонҳои маҷмӯӣ 5 сол сипарӣ шуда бошад, довталаб бояд имтиҳону санҷишҳои тахассусиро аз нав супорад.

25. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ба довталаб зарур аст, ки:

- дипломи дараҷаи илмии номзади илм дошта бошад;

- аз рӯи ихтисоси мутобиқ ба Феҳристи ихтисосҳои илмӣ барномаи тайёркунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникиро дар докторантура ё ба ҳайси унвонҷӯ аз худ карда бошад;

- тибқи ихтисоси илмии докторантура диссертатсия таҳия карда бошад ё ба ҳайси унвонҷӯ тибқи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ мустақилона диссертатсия омода карда бошад;

- пас аз ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм 3 сол сипарӣ шуда бошад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295);*

- аз муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст, хулосаи мусбат дошта бошад.

26. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори ҳабилитат ба довталаб зарур аст, ки:

- дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос дошта бошад;

- аз рӯи ихтисоси мутобиқ ба Феҳристи ихтисосҳои илмӣ барномаи тайёркунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникиро дар постдокторантура аз худ карда бошад;

- тибқи ихтисоси илмии постдокторантура диссертатсия таҳия карда бошад;

- пас аз ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос 3 сол сипарӣ шуда бошад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295);*

- аз муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст, хулосаи мусбат дошта бошад.

27. Барои расонидани ёрии илмӣ-методӣ ба довталабони дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос роҳбари илмӣ ва ба довталабони дараҷаҳои илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат мушовирони илмӣ аз ҳисоби мутахассисони ватанӣ ё хориҷӣ бо фармоиши роҳбари муассиса дар асоси қарори шурои олимон таъйин карда мешаванд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат ҳуқуқ дорад, ки барномаи тайёркунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникиро

мустақилона аз худ намояд ва таҳқиқоти диссертатсиониашро бе мушовири илмӣ анҷом диҳад.

28. Роҳбар ё мушовири илмӣ бояд мутахассиси дорои дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат аз рӯйи соҳаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бошад. Ба таври истисно мутахассиси дорои дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос низ метавонад роҳбар (ё роҳбари дуюм)-и илмии довталаби дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос бошад, агар ӯ дар соҳаи дахлдори илм собиқаи на кам аз 5-солаи илмӣ, илмию омӯзгорӣ ё илмию техникӣ дошта бошад.

29. Роҳбар ё мушовири илмӣ наметавонад дар давоми як сол зиёда аз 5 довталаби дараҷаи илмиро ба ҳимоя пешниҳод намояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

30. Ба диссертатсия ба шарте ду роҳбари (мушовири) илмӣ таъйин карда мешавад, ки агар он аз рӯи ду ихтисоси илмӣ таҳия ё дар ду муассисаи гуногун аз рӯйи як ихтисос омода гардида бошад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

## 3. МЕЪЁРҲОИ ОМОДАСОЗИИ ДИССЕРТАТСИЯ

31. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос бояд таҳқиқоти илмӣтахассусии баитмомрасидаи фарогири масъалаҳои муҳим барои рушди соҳаи дахлдори илм бошад ва дар он роҳи ҳал ва коркарди нави масъалаҳои илман асоснокшудаи техникӣ ва технологии барои рушди кишвар аҳамиятдошта дарҷ шуда бошад.

32. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат бояд таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида бошад ва дар асоси натиҷаҳои он заминаҳои назариявии дастовардҳои илмӣ ҳосил гардида ё мушкилоти илмие ҳал шуда бошанд, ки аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ё хоҷагӣ доранд ва ё роҳҳои нави ҳалли масъалаҳои илман асоснoки техникӣ ва технологие пешниҳод шудаанд, ки ҷорӣ намудани онҳо барои рушди мамлакат ниҳоят муҳим мебошанд.

33. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад. Роҳи ҳалли пешниҳоднамудаи муаллиф бояд асоснок ва бо

роҳҳои дигари ҳал дар қиёс арзёбӣ шуда бошад. Дар диссертатсияи ҷанбаи амалидошта бояд маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии бадастовардашуда нишон дода шаванд. Дар диссертатсияи ҷанбаи назариявидошта бояд тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шаванд.

34. Натиҷаҳои асосӣ ё муҳтавои илмии диссертатсия бояд дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ватанӣ ё хориҷӣ чоп шуда бошанд. Талабот нисбат ба маҷалла (нашрия)-ҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби бақайдгирии онҳо аз тарафи Комиссия муқаррар карда мешавад. Феҳристи маҷаллаҳои тақризшаванда дар сомонаи расмии Комиссия ҷой дода мешавад.

35. Ҳадди ақали теъдоди мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ва маърӯзаҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ:

- барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос дар соҳаи илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ - 3 мақола (2 мақола дар алоҳидагӣ), на камтар аз 2 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва (ё) байналмилалӣ, дар соҳаи илмҳои табиӣ, математикӣ, тиббӣ, кишоварзӣ ва техникӣ - 2 мақола ва на кам аз 2 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва (ё) байналмилалӣ;

- барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат - дар соҳаи илмҳои ҷамъиятию гуманитарӣ - 15 мақола (на камтар аз 5 мақола дар алоҳидагӣ) ва на камтар аз 5 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ё байналмилалӣ, дар соҳаи илмҳои табиӣ, математикӣ, тиббӣ, кишоварзӣ ва техникӣ - 10 мақола ва на кам аз 5 маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ё байналмилалӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

36. Патент, нахустпатент ё ки гувоҳнома, шаҳодатнома, санади татбиқи истеҳсолӣ барои ихтироот, таҳияи намунаи саноатӣ, дастоварди селексионӣ, коркарди комплекси барномаҳои компютерӣ, истифодаи махзани маълумот, пешниҳоди топологияи микросхемаҳои интегралӣ ва навовариҳои дигари илмӣ, илмӣ-техникӣ ва илмию технологии тибқи қонун бақайдгирифташуда ва дар истеҳсолот ҷоришуда ба маводи банашррасида баробар дониста мешаванд.

37. Диссертатсия дар Комиссия тибқи дастурамал оид ба санҷиши диссертатсия аз рӯйи барномаи компютерии "Антиплагиат" санҷида мешавад. Асолати диссертатсия аз рӯйи барномаи мазкур бояд аз 75 дарсад (барои илмҳои физикаю математика ва химия - 70 дарсад) ва автореферати диссертатсия аз 80 дарсад (барои илмҳои табиӣматематика ва техникӣ - 75 дарсад) кам набошад. Диссертатсияҳое, ки ба талаботи зикргардида ҷавобгӯ нестанд, дар асоси хулосаи эксперти холис ба ҳимояи такрорӣ баргардонида мешаванд. Ҳимояи такрории онҳо пас аз 1 соли қабули фармоиш ба роҳ монда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

## 4. ЭКПЕРТИЗАИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР МУАССИСА

38. Экспертизаи диссертатсия дар маҷлиси воҳидҳои сохтории Муассиса (кафедра, шуъба, бахш, озмоишгоҳ)-ҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ё илмию таҳқиқотие, ки диссертатсия бевосита дар он ҷо иҷро шудааст, бо иштироки мутахассисон аз Муассисае, ки дар он Шуро амал мекунад, гузаронида мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

39. Экспертизаи диссертатсия бо мақсади муайян намудани мувофиқати он ба талаботи муқарраргардида гузаронида мешавад. Дар баррасии диссертатсия мутахассисони зерсохтор ё муассисаҳои дигарро низ даъват кардан мумкин аст *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

40. Баррасии диссертатсия дар асоси аризаи довталаб, ки бо ризоияти роҳбари (мушовири) илмиаш манзур шудааст, бо супориши роҳбари зерсохтор дар маҷлиси он гузаронида мешавад. Ба ариза инҳо замима карда мешаванд:

- дастнависи диссертатсия;
- дастнависи автореферати диссертатсия;
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи натиҷаи имтиҳоноти тахассусӣ *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295);*
- нусхаи интишороти довталаб вобаста ба мавзӯи диссертатсия;
- хулосаи роҳбари (мушовири) илмӣ оид ба мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзӯъ ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст, теъдод ва мувофиқати интишороти

натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда, саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.

41. Дар маҷлиси зерсохтор баррасии диссертатсия бо тартиби зерин баргузор мегардад:

- маърӯзаи довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- саволу ҷавоб оид ба маърӯза;

- хулосаи роҳбари (мушовири) илмии довталаб;

- музокира ва муҳокимаи илмӣ оид ба сатҳи диссертатсия;

- хулосаи маҷлис вобаста ба пешниҳод кардан ё накардани диссертатсия ба ҳимоя *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

42. Дар хулосаи маҷлис мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия, алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ, мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он, мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо, саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд. Дар мавриди зарурӣ дар протоколи маҷлис номи дақиқкардашудаи диссертатсия нишон дода мешавад.

43. Протоколи маҷлиси зерсохтор бо имзои раисикунанда ва котиби маҷлис ба расмият дароварда мешавад.

44. Дар сурати манфӣ арзёбӣ гаштани диссертатсия, ба довталаб нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси воҳидҳои сохтории Муассиса дар бораи камбудиҳои ошкоргашта бо эродҳои гирифташуда дода мешавад ва мӯҳлати коркарди минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва пешниҳоди такрории он муайян карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

45. хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

46. хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

47. хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

48. хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

49. хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

50. хориҷ карда шуд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

51. Дар хулосаи маҷлис, ки бо тарафдории аксари иштирокдорони он қабул мешавад, бояд тамоми ҷузъиёти банди 42 Тартиби мазкур ба инобат гирифта шавад. Хулосаи маҷлис тибқи муқаррарот аз номи Муассиса бо имзои раисикунанда, котиби

маҷлис ба расмият дароварда шуда, аз ҷониби ректор (директор) ё муовини ӯ оид ба илм бо имзо, муҳри Муассиса ва санаи рӯз тасдиқ карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

52. Ба довталаб дар муддати на зиёда аз 10 рӯзи баъди маҷлис мактуби ҳамроҳ дар бораи пешниҳоди диссертатсия ба Шуро, нусхаи протокол ва хулосаи тасдиқшудаи муассиса дода мешавад. Хулосаи Муассиса то 2 сол эътибор дорад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

## 5. ЭКСПЕРТИЗАИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

53. Довталаби дараҷаи илмӣ диссертатсияашро барои ҳимоя бояд ба Шурое пешниҳод кунад, ки соҳа ва ихтисос (ҳо)-и илмии он бо ихтисоси илмии диссертатсия мутобиқат дошта бошад.

54. Довталаб диссертатсияро бо ҳуқуқи дастнавис, дар шакли чопӣ, ба забони давлатӣ, русӣ ё англисӣ пешниҳод менамояд. Автореферати диссертатсия дар шакли саҳифабандишуда пешниҳод мегардад. Агар диссертатсия ба забони давлатӣ таҳия шуда бошад, он гоҳ автореферати он дар шакли як китобча ба забони давлатӣ ва русӣ пешниҳод мегардад. Дар мавриди ба забони русӣ ё англисӣ пешниҳод гардидани диссертатсия, автореферати он, мувофиқан, ба ҳамон забон ва забони тоҷикӣ пешниҳод мегардад. Дар охири автореферат аннотатсияи диссертатсия ба забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ ҳар яке дар ҳаҷми як саҳифа оварда мешавад.

55. Дар мавриди баргузор намудани ҳимояи диссертатсия ба забоне, ки онро аъзои Шуро ва ё муқарризони расмӣ намедонанд, Муассиса уҳдадор аст тарҷумаи ҳамзамонии ҷаласаи Шуроро вобаста ба ҳимояи диссертатсия таъмин кунад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

56. Ба довталаби дараҷаи илмӣ, ки роҳбар ё муовини роҳбари муассиса аст, дар Шурои назди ҳамон муассиса ҳимоя кардан манъ аст.

57. Баррасӣ ва экспертизаи диссертатсия дар Шуро дар асоси аризаи довталаб ва парвандаи аттестатсионии пешниҳодшаванда амалӣ гардонида мешавад. Ба ариза санаду ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:

- мактуби ҳамроҳ аз муассисаи пешниҳодкунандаи диссертатсия ба номи роҳбари муассисае, ки дар назди он Шуро амал мекунад;

- дастнависи диссертатсия;

- дастнависи автореферати диссертатсия;

- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо аз ҷойи кор ё таҳсил, тавсифнома, ки бо имзо ва муҳр тасдиқ шудааст;

- нусхаи шиноснома;

- нусхаи ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи дипломҳои дараҷаи илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ (дипломи номзади илм, доктори (PhD), мутахассис ва ё магистр);

- маълумотнома дар бораи хатми докторантура, постдокторантура, аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос, адъюнктура, ординатура ё гузаштани зинаи унвонҷӯӣ;

- нусхаи асли шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ ё имтиҳонҳои ҷамъбастии докторантура аз рӯи ихтисос;

- нусхаи интишороти довталаб вобаста ба мавзӯи диссертатсия;

- тақризи роҳбари (мушовири) илмӣ вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ ва худи довталаб;

- хулосаи тасдиқшудаи муассиса бо протоколи маҷлис дар бораи баррасии диссертатсия, дуруст ба расмият дароварда шудани он, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба номи мавзӯъ, автореферат ва ихтисосе, ки тибқи он таҳқиқот анҷом дода шудааст, теъдод ва мувофиқати интишороти натиҷаҳои асосӣ ба талаботи мавҷуда, саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мувофиқати он ба соҳа ва ихтисосҳои Шуро, дархости Муассиса ба Шуро.

58. Агар диссертатсия дар Муассиса омода шуда бошад, Шуро пас аз қабули ариза, бо мақсади экспертизаи дохилии (навбатии) диссертатсия бо қарори худ дар ҳайати на кам аз 3 узви шуро ё олимони берунаи маъруфи соҳа, ки мутахассиси самти илмии диссертатсия мебошанд, комиссияи экспертӣ таъсис медиҳад. Тартиби экспертизаи диссертатсия дар Шуро тибқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби мазкур ба роҳ монда мешавад.

59. Агар диссертатсия дар муассисаи беруна омода шуда бошад, Шуро дар ҳолати зарурӣ метавонад дар маҷлиси назди кафедраи мувофиқи муассисаи худ маърӯзаи довталаби дараҷаи илмиро роҷеъ ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониаш шунавад ва баъд талаботи банди 58-ро амалӣ намояд.

60. Комиссияи экспертии Шуро дар муддати на дертар аз 25 рӯз (30 рӯз барои диссертатсияи докторӣ) таҳқиқоти диссертатсиониро

мавриди баррасӣ қарор дода, дар бораи мутобиқати мавзӯъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба Шуро, пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбари эҳтимолӣ, иҷозатдиҳӣ барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссия ва Муассиса, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия хулоса пешниҳод менамояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

61. Шуро дар муддати на дертар аз 1 моҳ пас аз қабули диссертатсия дар маҷлиси худ аз рӯи хулоса ва пешниҳоди комиссияи экспертии Шуро дар бораи қабул ё рад намудани диссертатсия ба ҳимоя ё ташкили ҳимояи якдафъаина, таъйини муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар (бо розигии онҳо), муайян кардани вақти ҳимоя, гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссия ва Муассиса, нашр ва паҳнкунии автореферат қарори асоснок қабул менамояд.

62. Агар қарори Шуро нисбат ба қабули диссертатсия ба ҳимоя мусбат бошад, он гоҳ қарори мазкур дар сомонаи расмии Муассиса дар муддати на дертар аз 10 рӯз ҷой дода мешавад.

63. Дар ҳолати аз тарафи Шуро қабул гардидани қарори манфӣ (радкунӣ) ба қабули диссертатсия ба ҳимоя нусхаи қарори мазкур бо парвандаи аттестатсионии довталаб дар муддати на дертар аз 10 рӯзи пас аз баргузории маҷлиси Шуро барои коркарди иловагӣ ва ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда ба муассисаи пешниҳодкунанда баргардонида мешавад.

64. Асосҳои радкунии қабули диссертатсия ба ҳимоя инҳо шуда метавонанд:

- риоя нагардидани талаботи бандҳои 2 ва 56 Тартиби мазкур;
- мутобиқат накардани мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба Шуро ҳуқуқи қабул ва ҳимояи диссертатсия вогузор гардидааст;

- иҷро нагардидани талабот нисбат ба интишори натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, ки дар бандҳои 33 ва 34 Тартиби мазкур пешбинӣ шудааст;

- дар диссертатсия истифода шудани маводи ғайр бидуни ишора ба муаллифи он, манбаи иқтибос ва ё ҷудо нагардидани ҳиссаи натиҷаҳои илмии дар ҳаммуаллифӣ бадастомада;

- пешниҳод гардидани маълумоти номуътамад оид ба таълифоти чопшуда, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дарҷ шудаанд.

65. Довталаб метавонад парвандаи аттестатсиониашро баъди ислоҳи камбудиҳои дар қарор зикрёфта бо риояи пурраи тартиби пешниҳодкунӣ аз нав ба Шуро манзур намояд.

66. Дар мавриди аз рӯи ду ихтисоси наздик ба ихтисосҳои Шуро пешниҳод гардидани диссертатсия Шуро метавонад бо ҷалби мутахассисони дохилии соҳаи дахлдори илм ва мутахассисони беруна дар бораи баргузор намудани ҳимояи якдафъаина ба Комиссия бо дархост муроҷиат намояд. Тартиби ташкил ва гузаронидани ҳимояи якдафъаинаи диссертатсия тибқи талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби мазкур сурат мегирад.

67. Шуро баъди ба ҳимоя қабул шудани диссертатсия бо тавсияи комиссияи экспертии Шуро аз ҷумлаи мутахассисони самтҳои дахлдори илм ё наздик ба онҳо, ки кормандони басти доимии муассисаҳои гуногун (ба истиснои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) ё филиалу марказҳои мустақили онҳо мебошанд, асарҳои чопшудаи мувофиқ доранд ва ба пешниҳоди Шуро розигӣ додаанд, муқарризони расмии диссертатсияро таъйин менамояд:

- барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос- 2 муқарриз, ки яке аз онҳо бояд доктори илм ё доктори ҳабилитат бошад;

- барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат- 3 муқарриз, ки ҳар се бояд доктори ҳабилитат ё доктори илм бошанд.

68. Шуро метавонад ба сифати муқарризи расмӣ яке аз узви Шуроро, ки мутахассиси соҳаи диссертатсия аст, таъйин намояд.

69. Ихтисоси муқарризони расмӣ бояд ба ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда наздик бошад ва ё онҳо аз рӯйи ихтисоси мазкур бояд на кам аз 3 интишороти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда дошта бошанд. Ҳангоми зарурат Шуро метавонад

барои ҳимояи диссертатсияи номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)доктор аз рӯи ихтисос 1 муқарризи расмӣ ва барои ҳимояи диссертатсияи доктори илм ва доктори ҳабилитат то 2 муқарризи расмиро аз хориҷи кишвар ҷалб намояд (ба истиснои ихтисосҳои нодир). Дар мавриди муқарризи расмӣ таъйин намудани мутахассиси хориҷӣ тахассуси илмии ӯ бояд бо нусхаи дипломи дараҷаи илмӣ тасдиқ карда шавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

70. Шахсони зерин муқарризи расмии диссертатсия шуда наметавонанд:

- узви Раёсати Комиссия;
- корманди басти доимии Комиссия;
- узви шурои экспертии Комиссия;
- узви комиссияи экспертии аввалияи диссертатсия дар Шуро *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*;
- раис, муовини раис ва котиби илмии Шуро;
- роҳбар (мушовир)-и илмии довталаб;
- шогирдони як мактаби илмӣ;
- роҳбарони муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст;
- корманди басти доимии муассисаи пешбари диссертатсия;
- ҳаммуаллифи корҳои банашррасидаи довталаб;
- хешовандони наздики довталаб ё роҳбар (мушовир)-и илмии он (падар, модар, зан, шавҳар, фарзанд, бародар ва хоҳар);
- корманди басти доимии муассисае, ки дар он довталаб ё роҳбар (мушовир)-и илмиаш фаъолият дорад.

71. Муқарризи расмӣ дар асоси экспертизаи диссертатсия ва корҳои чопшудаи довталаб ба Шуро тақризи хаттӣ пешниҳод менамояд, ки дар он аҳамияти мавзӯи интихобшуда, дараҷаи асоснокии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои овардашуда, эътимоднокӣ ва навгонии онҳо, мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои дар Тартиби мазкур муқарраргардида бояд инъикос ёфта бошад. Тақриз бо имзои муқарризи расмӣ ба тартиби муқарраршуда тасдиқ карда шуда, на дертар аз 15 рӯз то санаи ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ супорида мешавад. Нусхаи он ва маълумот дар бораи муқарризи расмӣ на дертар аз 10 рӯз аз тарафи Шуро дар сомонаи Муассиса ҷойгир ва ба довталаби дараҷаи илмӣ ирсол мегардад.

72. Тақризи омоданамудаи муқарризони расмӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст;

- мубрам будани мавзӯи диссертатсия;

- дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд;

- асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда;

- аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо;

- нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ;

- мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия;

- дар қисмати хотимавии тақриз овардани хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.

73. Дар ҳолати ба талаботи муқарраршуда мутобиқат накардани тақризи муқарризи расмӣ Шуро муқарризи расмиро иваз карда, санаи ҳимояи диссертатсияро ба муҳлати на беш аз 3 моҳ мавқуф мегузорад.

74. Муассисаи пешбар аз ҳисоби муассисаҳои ҷумҳурӣ ё хориҷие, ки бо дастовардҳои илмии худ дар соҳаи дахлдори илм маъруфанд (дар 5 соли охир на кам аз 10 интишороти илмӣ, аз он 5 мақолаи тақризшаванда дошта бошанд) ва дар онҳо мутахассисони соҳа, дорандагони дараҷаҳои илмӣ кор мекунанд, таъйин карда мешавад. Муассисае, ки дар он диссертатсия таълиф шудааст, довталаб ё роҳбар (мушовир)-и илмии ӯ кор мекунад, муассисаи пешбар шуда наметавонад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

75. Шуро бо тавсияи комиссияи экспертии худ ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи берунаеро (бо ризоияти он) таъйин мекунад, ки бо дастовардҳои илмиаш дар самти дахлдори илм маъруф буда, имкони ба арзишҳои илмӣ ва амалии диссертатсия баҳо доданро дорад.

76. Дар тақризи муассисаи пешбар аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои рушди соҳаи дахлдори илм инъикос меёбад. Барои диссертатсияи ҷанбаи амалидошта дар тақриз бояд тавсияҳои мушаххас оид ба истифодаи натиҷаҳо ва хулосаҳои овардашуда инъикос ёбанд. Тақризи муассисаи пешбар бо имзои роҳбар (муовини роҳбар) ва мухри муассиса, дар асоси хулосаи

воҳиди сохториаш, ки яке аз самтҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиаш ба мавзӯи диссертатсия қаробат дорад, мувофиқи натиҷаҳои баррасии диссертатсия ва маърӯзаи довталаб дар маҷлиси он тасдиқ карда мешавад.

77. Барои тайёр намудани тақризи муассисаи пешбар роҳбари Муассиса экспертро аз ҷумлаи мутахассисони дорои дараҷаи илмии дахлдор дар мувофиқа бо роҳбари сохтори дахлдори тобеи Муассиса таъйин намуда, санаи баргузории маҷлиси илмии ин сохторро муайян мекунад, ки дар он муҳокимаи диссертатсия ва тақризи тайёрнамудаи эксперт баррасӣ мегардад. Агар ҳеҷ як аз муқарризони расмӣ узви Шуро набошад, он гоҳ эксперти муассисаи пешбар метавонад узви Шуро бошад.

78. Шахсони зерин эксперти муассисаи пешбар шуда наметавонанд:

- аъзои Раёсати Комиссия;
- аъзои шурои экспертии Комиссия;
- корманди доимии муассисаи пешбар, ки ба сифати аъзои комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи баррасишаванда ҷалб карда шудаанд;
- ҳаммуаллифони таълифоти чопшудаи роҳбари (мушовири) илмӣ ва довталаб;
- хешу табори наздики довталаб ва роҳбари (мушовири) илмии ӯ.

79. Лоиҳаи тақризи эксперти муассисаи пешбар бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда;
- саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он;
- натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст;
- мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

80. Агар муассисаи пешбар аз хориҷи кишвар таъйин гардида бошад, тақризи он дар маҷлиси илмии зерсохтори муассисаи мазкур бо иштирок ё бе иштироки довталаб муҳокима карда шуда, хулосаи тасдиқшуда ба Шуро пешниҳод мегардад.

81. Тақриз бо овоздиҳии ошкоро ё пинҳонии аксарияти оддии овозҳои шахсони дар маҷлиси илмии зерсохтор иштироккунанда, ки

дорандаи дараҷаҳои илмии дахлдор мебошанд, қабул карда мешавад ва аз ҷониби раис ва котиби маҷлис бо нишон додани дараҷаҳои илмиашон, инчунин эксперте, ки лоиҳаи тақризро омода кардааст, имзо карда мешавад.

82. Агар лоиҳаи тақризи аз ҷониби эксперт пешниҳодшуда аз ҷониби маҷлиси илмӣ дастгирӣ наёбад, раиси маҷлис ба эксперти дигар ё гурӯҳи экспертони муассиса супориш медиҳад, ки натиҷаҳои мубоҳисаро ҷамъбаст ва лоиҳаи нави тақризро омода намоянд, ки он бо овоздиҳии такрорӣ қабул карда мешавад.

83. Тақризи муассисаи пешбар на дертар аз 15 рӯз то санаи ҳимоя ба Шуро супорида шуда, нусхаи он ва маълумот дар бораи муассисаи пешбар на дертар аз 10 рӯз аз тарафи Шуро дар сомонаи Муассиса ҷойгир ва ба довталаби дараҷаи илмӣ ирсол мегардад. Дар ҳолати ба талаботи муқарраршуда мутобиқат накардани тақризи муассисаи пешбар Шуро муассисаи пешбарро иваз мекунад ва санаи ҳимояи диссертатсияро ба муҳлати на беш аз 3 моҳ мавқуф мегузаронад.

84. Автореферати диссертатсия тибқи Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо ва банди 54 Тартиби мазкур ба расмият дароварда шуда, он бояд натиҷаҳои асосии диссертатсия, саҳми муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда, дараҷаи навгонӣ, аҳамияти амалии таҳқиқоти анҷомёфта ва феҳристи асарҳои чопшудаи довталабро инъикос намояд. Ҳаҷми автореферат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос 1 ҷузъи муаллифӣ (барои ихтисосҳои гуманитарӣ 1,5 ҷузъ), барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат 2 ҷузъи муаллифӣ (барои ихтисосҳои гуманитарӣ 2,5 ҷузъ) муқаррар карда мешавад.

85. Автореферати диссертатсия ба аъзои Шуро ва муассисаҳои дахлдор на дертар аз 1 моҳ то рӯзи ҳимоя тибқи рӯйхате, ки Шуро муайян мекунад, ирсол карда мешавад.

86. Барои шиносоии пешакӣ матни диссертатсия ва автореферати ба ҳимоя қабулшудаи довталаби дараҷаи илмии номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос дар сомонаи расмии Комиссия ва сомонаи Муассиса на кам аз 2 моҳ, дараҷаи илмии доктори илм ва доктор ҳабилитат- на кам аз 3 моҳ нигоҳ дошта мешавад ва пас аз ҳимоя 7 моҳи дигар низ онҳо дар дастраси умум боқӣ мемонанд.

87. Як нусхаи диссертатсия ва ду нусхаи автореферат на дертар аз 1 моҳ то санаи ҳимоя ба китобхонаи Муассиса супорида мешавад. Дар сурати баргузор нагардидани ҳимоя, бозхонд гардидани диссертатсия ва ё тасдиқ нагардидани он аз ҷониби Комиссия, дар асоси аризаи довталаб диссертатсия ва авторефератҳо ба ӯ баргардонида мешаванд.

88. Тақризҳои озоди ба диссертатсия ва автореферати он воридшуда дар сомонаи расмии Муассиса на дертар аз 10 рӯз то санаи ҳимояи диссертатсия ҷойгир карда мешаванд. Тақриз бояд мушаххас, вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дар доираи одоби илмӣ навишта шуда бошад. Дар тақриз ному насаб, ҷойи кор, вазифа, дараҷаву унвони илмӣ, почтаи электронӣ ва рақами телефони муқарриз дарҷ гардида, ба Шуро дар шакли хаттӣ ё электронӣ ирсол карда мешавад.

89. Довталаби дараҷаи илмӣ ҳангоми мавҷуд будани тақризҳои манфӣ низ метавонад диссертатсияро ҳимоя кунад.

90. Ҳимояи диссертатсия бо ҳузури довталаби дараҷаи илмӣ бояд дар муҳити озод, ошкорбаёнӣ, серталабӣ, ҷиддият, бо риояи одоби илмӣ баргузор гардад ва хусусияти мунозираи илмӣ дошта бошад. Ҳангоми ҳимоя бояд эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, тавсияҳои ҷанбаи назариявӣ ва амалидоштаи диссертатсия мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирад.

91. Муқарризони расмӣ дар маҷлиси ҳимояи диссертатсия бояд ҳузур дошта бошанд. Дар мавриди бо сабаби узрнок ҳузур надоштани яке аз муқарризони расмӣ, ки ба диссертатсия тақризи мусбат дода, тариқи маҷозӣ бо Шуро имконияти пайваст шуданро надорад, маҷлиси Шуро бе иштироки ӯ гузаронида мешавад. Дар ин маврид тақризи муқарризи ҳузурнадошта пурра қироат карда мешавад. Агар муқарризи расмӣ дар тариқи маҷозӣ имконияти қироат намудани тақризи худро дошта бошад, он гоҳ ӯ ҳамчун муқарризи ҳозирбуда ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳангоми ҳузур надоштани муқарризи расмие, ки ба диссертатсия тақризи манфӣ дода, тариқи маҷозӣ бо маҷлиси Шуро имконияти пайваст шуданро надорад, ҳимояи диссертатсия ба муҳлати на беш аз 3 моҳ мавқуф гузошта мешавад. Муқарризи расмии такроран ба маҷлиси Шуро ҳозирнашуда иваз карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

92. Дар мавриди ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи

ихтисос дар маҷлиси Шуро иштироки 3 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси илмии диссертатсия ва дар муҳокимаи натиҷаҳои диссертатсия ба музокира баромадани ақаллан 2 нафари онҳо, дар мавриди ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат бошад дар маҷлиси Шуро иштироки 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси илмии диссертатсия ва дар муҳокимаи натиҷаҳои диссертатсия ба музокира баромадани 2 нафари онҳо ҳатмӣ мебошад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

93. Қарори Шуро дар хусуси ба довталаб додан ё надодани дараҷаи илмӣ бо овоздиҳии пинҳонӣ (аъзои шуро, ки тариқи маҷозӣ иштирок доранд, ба таври овоздиҳии кушода овоз медиҳанд) қабул карда мешавад. Барои ин, аз тариқи овоздиҳии ошкор дар ҳайати на кам аз 3 нафар аъзои Шуро комиссияи ҳисоб интихоб карда мешавад. Тартиби кори комиссияи ҳисоб ва қабули қарори Шуроро Низомномаи шурои диссертатсионӣ муқаррар мекунад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

94. Дар хулосаи Шуро бояд натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ дарҷ гардад. Ҳангоми қабули қарори мусбат Шуро хулосаашро вобаста ба диссертатсия бо овоздиҳии ошкор қабул мекунад, ки дар он дуруст таъйин шудани муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар, муҳимтарин натиҷаҳои илмии шахсан бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ, эътимоднокӣ, навгонӣ ва аҳамияти онҳо барои назария ва амалия, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дода мешаванд.

95. Хулосаи Шуро бо имзои раис (муовини раис), котиби илмии Шуро ва мухри муассиса ба расмият дароварда мешавад. Нусхаи хулоса на дертар аз 10 рӯзи пас аз ҳимоя дар сомонаи Муассиса ҷойгир ва ба довталаби дараҷаи илмӣ супорида мешавад.

96. Барасмиятдарории парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ тибқи муқаррароти Низомномаи шурои диссертатсионӣ амалӣ карда мешавад. Довталаб метавонад бо маводи парвандаи аттестатсионии худ шинос шавад.

97. Ҳангоми аз рӯи натиҷаҳои ҳимояи диссертатсия қабул шудани қарори мусбат Шуро дар муддати на дертар аз 30 рӯзи пас аз ҳимоя нусхаи якуми парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсияро ба Комиссия ирсол карда, нусхаи дуюмро барои ба муҳлати 10 сол нигаҳдорӣ намудан ба бойгонии Муассиса месупорад.

98. Ҳангоми аз рӯи натиҷаҳои ҳимояи диссертатсия қабул шудани қарори манфӣ, Шуро дар муддати на дертар аз 10 рӯзи пас аз ҳимоя нусхаи қарори мазкурро барои дар сомона гузоштан ба Комиссия ирсол карда, нусхаи якуми парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсияро барои ба мӯҳлати 10 сол нигаҳдорӣ намудан, ба бойгонии Муассиса месупорад. Дар сурати дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод нагардидани парвандаи аттестатсионӣ ба Комиссия, Шуро огоҳонида мешавад.

99. Тартиби ба довталаби дараҷаи илмӣ баргардонидани парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсияи манфӣ арзёбишударо Низомномаи шурои диссертатсионӣ танзим менамояд. Шакли аз нав коркардшудаи ин гуна диссертатсияро довталаб метавонад на пештар аз 1 соли баъд аз ҳимоя ба ҳимояи такрорӣ пешниҳод кунад. Ҳангоми ҳимояи такрории диссертатсия муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бояд иваз карда шаванд.

100. Нусхаи диссертатсия дар шакли хаттӣ ва электронӣ (барои диссертатсияи радшуда - танҳо электронӣ) тибқи тартиби муқарраршуда ба муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

101. То қабули қарори Шуро довталаби дараҷаи илмӣ ҳуқуқ дорад, ки бо ариза диссертатсияашро аз баррасӣ бозхонд намояд. Диссертатсияи бозхондшударо тибқи муқаррароти Тартиби мазкур пас аз 6 моҳи коркарди иловагӣ аз нав ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст. Диссертатсияе, ки аз баррасии Шуро бе ҳуқуқи ҳимояи такрорӣ бардошта мешавад, дар сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шурои диссертатсионӣ амал мекунад, ба мӯҳлати 10 сол нигоҳ дошта мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

## 6. ЭКСПЕРТИЗАИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР КОМИССИЯ

102. Парвандаи аттетстатсионӣ ва диссертатсияи аз Шуро ба Комиссия воридшуда тибқи муқаррароти Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби мазкур барои гузаронидани экспертиза ба шуъбаи аттестатсионии дахлдор вогузор карда мешавад.

103. Шуъбаи аттестатсионӣ дараҷаи асолати матни диссертатсияро бо ёрии барномаи компютерии "Антиплагиат" месанҷад ва барои муайян кардани мутобиқат ва ҷавобгӯ будани парвандаи аттетстатсионию диссертатсия ба талаботи Низомномаи

шурои диссертатсионӣ ва Тартиби мазкур онҳоро аз экспертизаи меъёрию техникӣ мегузаронад. Дараҷаи асолати диссертатсия тибқи талаботи Дастурамал дар бораи санҷиши асолати диссертатсия аз рӯи барномаи компютерии "Антиплагиат" амалӣ карда мешавад.

104. Агар дар натиҷаи санҷиши асолати матни диссертатсия бо ёрии барномаи компютерии "Антиплагиат" мавҷудияти иқтибосҳои ғайриқонунӣ ва бо дарназардошти иқтибосоварӣ асолати аз 75% ками (автореферати диссертатсия на кам аз 80%) матни диссертатсия ошкор гардад, Комиссия дар асоси хулосаи шуъбаи аттестатсионӣ, бидуни экспертизаи илмии шурои экспертӣ, дар бораи бекор кардани қарори шурои диссертатсионӣ ва ба ҳимояи такрорӣ ирсол намудани диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ қарор қабул мекунад.

105. Дар мавриди мутобиқати парвандаи аттетстатсионӣ ва диссертатсия ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби мазкур ва Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо шуъбаи аттестатсионӣ онҳоро ҳамроҳ бо хулосаи худ ба шурои экспертии дахлдор барои гузаронидани экспертизаи илмӣ ирсол мекунад.

106. Агар ҳангоми санҷиши парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия риоя нагардидани талаботи барасмиятдарории парванда ва (ё) диссертатсия ошкор шуда бошад, тибқи тартиби муқаррааргардида Комиссия онҳоро барои коркарди иловагӣ ба Шуро бармегардонад. Дар мавриди зарурат ба диссертатсия ва автореферати он ғалатнома замима карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

107. Шуро уҳдадор аст, ки камбудиҳои ошкоршударо дар муддати на зиёда аз 1 моҳи пас аз дастрасии мактуби дахлдори Комиссия бартараф намояд. Дар ин ҳолат, муҳлати баррасии парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия дар Комиссия аз рӯзи аз нав воридшавии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

108. Ҳангоми ошкор шудани далели вайронкунии расмиёт дар таъйин кардани муқарризони расмӣ, муассисаи пешбар ва гузаронидани раванди ҳимояи диссертатсия, ки онҳоро Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби мазкур танзим менамоянд, Комиссия бидуни экспертизаи илмии шурои экспертӣ, дар бораи бекор кардани қарори шурои диссертатсионӣ ва ба ҳимояи такрорӣ ирсол намудани диссертатсияи довталаби дараҷаи

илмӣ қарор қабул мекунад. Ҳимояи такрории диссертатсия пас аз 3 моҳ иҷозат дода мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

109. Шурои экспертӣ мутобиқати парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсияро ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва меъёрҳои дар Тартиби мазкур муқарраршуда дар муддати на зиёда аз 1 моҳ месанҷад ва хулосаю натиҷаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зикрёфтаро аз экспертизаи илмӣ мегузаронад. Тарзи таъйин намудани эксперт, гузаронидаи экспертизаи илмӣ, баргузории маҷлиси шурои экспертӣ ва қабули қарорҳои шурои экспертӣ тибқи Низомномаи шурои экспертӣ амалӣ гардонида мешавад.

110. Ҳангоми мусбат ё манфӣ арзёбӣ гаштани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ шурои экспертӣ хулосаи асосноки худро бо қарори шуро ба расмият даровbooарда, бо тартиби муқарраргардида ба шуъбаи аттестатсионӣ пешниҳод менамояд.

111. Ҳангоми ба диссертатсия ворид гаштани хулосаи манфии эксперт шуъбаи аттестатсионӣ на дертар аз 10 рӯз то баргузории маҷлиси навбатии шурои экспертӣ дар ин хусус довталаби дараҷаи илмиро огоҳ менамояд ва барои гирифтани ҷавоб ба саволҳои пайдошуда худи довталаб ва ҳангоми зарурат роҳбар (мушовир)-и илмии он, раиси (муовини) шурои диссертатсионӣ, муқарризони расмӣ ва инчунин бо ҳуқуқи овози машваратӣ мутахассисони дигари соҳаро ба маҷлис даъват менамояд.

112. Дар мавриди ба маҷлис ҳозир нашудани довталаб шурои экспертӣ баррасии масъалаи мазкурро ба вақти дигар гузаронида, довталабро доир ба рӯзи баргузории маҷлиси навбатӣ огоҳ менамояд. Дар мавриди такроран ҳозир нашудани довталаб масъала бе иштироки ӯ баррасӣ гардида, нусхаи қарори шурои экспертӣ ба шурои диссертатсионии дахлдор пешниҳод карда мешавад.

113. Шуъбаи аттестатсионӣ натиҷаи экспертизаҳои меъёрию техникӣ ва илмии парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсияро ҷамъбаст намуда, ба Раёсати Комиссия дар бораи ба довталаб додани дараҷаи илмии дахлдор ё рад намудани дархостномаи Шуро хулосаи умумии тавсиявӣ пешниҳод менамояд.

114. Дар сурати манфӣ будани хулосаи шурои экспертӣ оид ба диссертатасия Раёсати Комиссия дар асоси аризаи довталаб ё бо ташаббуси худ диссертатсия ва парвандаи аттестатсиониро барои

гирифтани хулосаи иловагӣ ба комиссияи экспертии махсус таъсисдодашуда ирсол мекунад.

115. Комиссияи экспертии махсус таъсисдодашуда бояд дар муҳлати на зиёда аз 1 моҳ диссертатсияи мазкурро баррасӣ намуда, аз экспертизаи мукаммали илмӣ, меъёрӣ ва техникӣ гузаронад ва хулосаи асосноку қарори дахлдори худро вобаста ба додан ё надодани дараҷаи илмӣ ба Раёсати Комиссия пешниҳод намояд.

116. Қарори Раёсати Комиссия дар бораи ба довталаб додан ё надодани дараҷаи илмӣ қарори ниҳоӣ буда, дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯзи пас аз қабули он дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда мешавад ва метавонад танҳо бо қарори суд тағйир дода шавад.

117. Довталаби дараҷаи илмӣ то қабули қарори Раёсати Комиссия ҳуқуқ дорад дар давраи барои экспертизаи диссертатсия муносиб онро бо пешниҳоди аризаи хаттӣ аз баррасии Комиссия бозхонд намояд. Дар ин маврид Комиссия дар ин хусус фармоиш ба тасвиб мерасонад. Довталаб метавонад пас аз 6 моҳи коркарди иловагии диссертатсия онро аз нав ба ҳимоя пешниҳод кунад. Ҳимояи такрории диссертатсияи довталабе, ки се маротиба пай дар пай аз рӯйи мазмун ва муҳтаво рад шудааст, дар мавзуи мазкур мумкин нест *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

118. Муҳлати баррасии диссертатсия дар Комиссия бораи дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯи ихтисос наметавонад аз 4 моҳ ва барои дараҷаҳои илмии доктори илм ва доктори ҳабилитат наметавонад аз 6 моҳ аз рӯзи воридшавӣ зиёд бошад. Дар ҳолати барои гирифтани хулосаи иловагӣ ирсол намудани диссертатсия ва парвандаи аттестатсионӣ муҳлати баррасии он то 3 моҳи дигар тамдид карда мешавад.

119. Нусхаи диссертатсия ва парвандаи аттестатсионии ба Комиссия воридшуда дар бойгонии он то 10 сол нигоҳ дошта мешавад.

## 7. ТАРТИБИ БАРРАСИИ АРИЗАИ ШИКОЯТӢ

120. Довталаби дараҷаи илмӣ ё ҳар шахси воқеӣ (ё ҳуқуқӣ) метавонад дар муддати то 2 моҳи пас аз баргузории маҷлиси Шуро ба Комиссия дар хусуси риоя нагардидани тартиби пешниҳод ва ҳимояи диссертатсия дар Шуро, ки Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби мазкур муқаррар кардаанд, дар шакли хаттӣ (бо имзои дастӣ ё электронӣ) аризаи шикоятӣ пешниҳод

кунад. Дар ин маврид Комиссия баррасӣ ва арзёбии диссертатсия ва парвандаи аттестатсионии дахлдорро то санҷиши далелҳои ариза мавқуф мегузорад.

121. Дар аризаи шикоятӣ бояд чунин маълумот нишон дода шавад:

- насаб, ном ва номи падар, рақами телефон ва почтаи электронии аризадиҳанда;
- номи муассиса ва рамзи Шуро;
- маълумот оид ба қарори шубҳаноки Шуро (санаи қабули қарор, насаб, ном ва номи падари довталабе, ки қарор нисбат ба ӯ татбиқ шудааст);
- талаботи он бандҳои Низомномаи Шуро ва Тартиби мазкур, ки ҳангоми қабули қарори дахлдор аз тарафи Шуро риоя нашудаанд.

122. Аризаи шикоятӣ дар Комиссия дар мавридҳои зерин баррасӣ карда нашуда, дар ин бобат ба аризадиҳанда дар муддати 30 рӯз иттилоъ дода мешавад:

- вуҷуд надоштани маълумоти дар банди 121 пешбинишуда;
- дар ариза мавҷуд будани алфози қабеҳ ва иборахои таҳқиромез;
- имконнопазир будани хондани матни ариза.

123. Комиссия ба Шурои дахлдор дар хусуси ворид шудани аризаи шикоятӣ иттилоъ дода, ба он нусхаи матни аризаро замима мекунад.

124. Шуро дар муддати на зиёда аз 1 моҳ ба Комиссия ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод мекунад:

- натиҷаҳои баррасии аризаи шикоятӣ, тибқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби мазкур;
- пайнависи (стенограммаи) маҷлиси Шуро бо имзои раис, котиби илмӣ ва муҳри муассиса.

125. Агар фаъолияти Шуро муваққатан боздошта ё қатъ шуда бошад, ҷавоби аризаро роҳбарияти Муассисае омода месозад, ки дар назди он Шурои мазкур амал мекард.

126. Комиссия ариза, ҷавоби ариза ва маводи дигари аз Шуро ё аз Муассиса воридшударо ба шурои экспертӣ медиҳад.

127. Шурои экспертӣ барои қабули қарори асоснок метавонад аз Шуро ё аз Муассиса маълумоти иловагӣ дархост намояд ва аризадиҳандаю довталаби дараҷаи илми (тарафҳо)-ро бо огоҳонидани пешакӣ (на кам аз 10 рӯз) ба маҷлиси шурои экспертӣ

даъват кунад. Шурои экспертӣ ҳангоми зарурат метавонад раиси Шуро ё намояндаи Муассисаро ба маҷлиси худ даъват намояд.

128. Дар ҳолати ба маҷлиси шурои экспертӣ ҳозир нашудани яке аз тарафҳо, шурои экспертӣ баррасии масъалаи мазкурро ба маҷлиси навбатии худ гузаронида, дар ин хусус тарафҳоро огоҳ менамояд. Дар мавриди такроран ҳозир нашудани яке аз тарафҳо ё ҳардуи онҳо баррасии масъала бе иштироки тарафи ғоиб ё ҳарду тараф баргузор гардида, хулосаи шурои экспертӣ ба Раёсати Комиссия пешниҳод карда мешавад.

129. Раёсати Комиссия вобаста ба аризаи шикоятӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ бо мазмуни зерин қарор қабул мекунад:

- қарори Шуро бекор ва даъвои аризадиҳанда қонеъ карда шавад;
- қарори Шуро бетағйир мононда шуда, даъвои аризадиҳанда рад карда шавад.

130. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии аризаи шикоятӣ қарори Раёсати Комиссия дар муҳлати 10 рӯзи баъди қабули фармоиши раиси Комиссия дар сомонаи расмии он ҷой дода мешавад. Нусхаи қарори Раёсати Комиссия ба шахси аризадиҳанда, Шуро (Муассиса) ва довталаби дараҷаи илмӣ ирсол карда мешавад.

131. Муҳлати қабули қарор аз тарафи Раёсати Комиссия аз рӯзи ворид шудани ариза наметавонад аз 3 моҳ зиёд бошад. Барои дарёфти маълумоти иловагӣ ва экспертизаи такрорӣ ин муҳлат метавонад то 3 моҳи дигар тамдид карда шавад.

132. Қарори Раёсати Комиссия метавонад бо тартиби судӣ мавриди шикоят қарор гирад.

## 8. АЗ НАВ АТТЕСТАТСИЯ НАМУДАНИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

133. Аз нав аттестатсия намудан нисбат ба шахсе татбиқ карда мешавад, ки дараҷаи илмиро дар давлати хориҷии бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баробарарзиш эътироф кардани ҳуҷҷатҳои дараҷаи илмӣ шартнома ё созишнома надошта ба даст оварда шудааст. Чунин шахсон бо пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ тибқи муқаррарот ба Комиссия муроҷиат мекунанд.

134. Комиссия ариза ва ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани хулоса ба шурои экспертии самти мувофиқ мефиристад.

135. Муқарраротн бандҳои 134 ва 135 нисбат ба шахсоне, ки диссертатсияи худро дар давлатҳои иштирокчии Конвенсияи

Лиссабон (1997), Конвенсияи минтақавии давлатҳои Осиё ва Уқёнуси Ором (Бангкок, 1983), Созишномаи байни давлатҳои ИДМ (Москва, 1998) ҳимоя намудаанд ва дараҷаҳои илмиро дар давлатҳое ба даст овардаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо шартнома ё созишнома оид ба эътирофи мутақобилаи дараҷаҳои илмӣ дорад, татбиқ нашуда, ҳуҷҷатҳои онҳо бо тартиби муқарраргардида нострификатсия карда мешаванд.

## 9. МАҲРУМ КАРДАН АЗ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

136. Маҳрум кардан аз дараҷаи илмӣ бо қарори Раёсати Комиссия дар сурати ошкор гардидани вайроншавии талабот ва меъёрҳои Тартиби мазкур вобаста ба додани дараҷаи илмӣ дар асоси аризаи шикоятии шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ дар муҳлати 3 моҳ сурат мегирад. Комиссия нусхаи аризаи шикоятии воридшуда ва ҳуҷҷатҳои замимашударо ба Шурои дахлдор ва ё дар сурати боздошт ва қатъи фаъолияти он ба Шурои мувофиқ (ба ҳам наздик) ирсол менамояд.

137. Шуро аризаро дар маҷлиси худ дар муддати на зиёда аз 1 моҳ барррасӣ намуда, қарори худро ҷиҳати маҳрум кардан ва ё накардани дараҷаи илмӣ бо мактуби ҳамроҳ ва замима намудани пайнавис (стенограмма)-и маҷлис бо имзои раис, котиби илмӣ ва бо муҳри Муассиса ба Комиссия ирсол менамояд.

138. Хулосаи Шуро аз ҷониби шурои экспертии тахассусии Комиссия бо огоҳ намудани тарафҳо (10 рӯз пештар) дар ҳузури онҳо ва ё бе иштироки яке аз тарафҳои бе сабабҳои узрнок ҳузурнадошта баррасӣ шуда, натиҷаи он ба Раёсати Комиссия пешниҳод мегардад. Раёсати Комиссия дар асоси хулосаи шурои экспертӣ қарори дахлдор қабул менамояд, ки он бо фармоиши раиси Комиссия тасдиқ карда мешавад.

## 10. БАРҚАРОР КАРДАНИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

139. Барқарор кардани дараҷаи илмӣ бо қарори Раёсати Комиссия дар асоси аризаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар сурати ошкор гардидани вайроншавии талабот ва меъёрҳои Низомномаи шурои диссертатсионӣ, Тартиби мазкур ва ё аз ҷониби суд муқаррар карда шудани ҳолатҳои навошкор вобаста ба арзёбии диссертатсия ҷой дошта метавонад.

140. Ариза дар бораи барқарор кардани дараҷаи илмӣ ба Комиссия дар шакли хаттӣ дар муддати то 10 сол пешниҳод шуда метавонад. Комиссия нусхаи аризаро бо ҳуҷҷатҳои замимашуда ба Шурои дахлдор ва ё дар сурати боздошт ва қатъи фаъолияти он ба Шурои мувофиқ (ба ҳам наздик) ирсол менамояд.

141. Шуро аризаро дар муддати на зиёда аз 1 моҳ баррасӣ намуда, хулоса ва қарори худро ҷиҳати барқарор кардан ва ё накардани дараҷаи илмӣ бо мактуби ҳамроҳ ва замима намудани пайнавис (стенограмма)-и маҷлис бо имзои раис, котиби илмӣ ва бо муҳри Муассиса ба Комиссия ирсол менамояд. Хулосаи Шуроро шурои экспертии тахассусии Комиссия бо огоҳ намудани тарафҳо (10 рӯз пештар) дар ҳузури онҳо ва ё бе иштироки яке аз тарафҳои бе сабабҳои узрнок ҳузурнадошта баррасӣ намуда, натиҷаи онро ба Раёсати Комиссия пешниҳод менамояд. Раёсати Комиссия дар асоси қарори шурои экспертии Комиссия қарори дахлдор қабул менамояд, ки он бо фармоиши раиси Комиссия тасдиқ карда мешавад.

## 11. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

142. Ҳамаи масъалаҳои баҳсноки вобаста ба тартиби додан, маҳрум сохтан ва барқарор кардани дараҷаи илмӣ дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

143. Дахолати мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, шахсони ҳуқуқӣ, муассисаҳои дигар ва шаҳрвандон ба фаъолияти Комиссия оид ба масъалаҳои додан, маҳрум сохтан, барқарор кардани дараҷаҳои илмӣ қатъиян манъ карда мешавад.

*** дар тамоми матни Тартиб калимаҳои "ШӮРО", "Шӯро", "Шӯрои", "шӯрои", "Шӯроро" ва "шӯроҳои" мувофиқан ба калимаҳои "ШУРО", "Шуро", "Шурои", "шурои", "Шуроро" ва "шуроҳои" иваз карда шудааст** *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2026 № 295)*

Замимаи 3
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 июни соли 2021, № 267

# ТАРТИБИ ДОДАНИ УНВОНҲОИ ИЛМӢ
**(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби додани унвонҳои илмӣ (минбаъд - **Тартиби мазкур**) қоидаҳо, талабот, меъёрҳои пешниҳод кардани парвандаҳои аттестатсионии давталабонро барои дарёфти унвонҳои илмии дотсент, профессор, маҳрум ва барқарор кардани онҳо, баробарарзиши (нострификатсия)-и унвонҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ бадастовардашуда, аз нав аттестатсия намудани дорандагони унвонҳои илмии дар давлатҳои хориҷа ба даст овардае, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо шартнома ё созишнома оид ба баробарарзиш эътироф намудани ин гуна ҳуҷҷатҳо надорад, баррасии арзу шикоятҳо ва масъалаҳои дигари аттестатсияи давлатии кадрҳои илмӣ ва (ё) илмию техникии тахассуси олиро дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъдКомиссия) муқаррар мекунад.

2. Унвонҳои илмии дотсент ва профессор мутобиқи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Комиссия тасдиқ гардидааст, дода мешаванд.

3. Унвони илмӣ ба довталабе дода мешавад, ки фаъолияти омӯзгорию илмиро дар муассисаҳои таълимӣ ва ё илмию таҳқиқотӣ амалӣ менамояд, дорои маҳорати баланди омӯзгорӣ, дониши амиқи тахассусӣ, дастовардҳои илмӣ мебошад ва ба талаботу меъёрҳои дарёфти унвонҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

4. Унвони илмиро шаҳодатномаи намунаи давлатии дахлдор тасдиқ менамояд, ки дар асоси қарори Раёсати Комиссия дода мешавад. Намунаи давлатии шаҳодатномаи унвонҳои илмии дотсент ва профессор аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуда, талаботи техникӣ, тартиби барасмиятдарорӣ ва додани онро Комиссия муқаррар ва амалӣ менамояд.

5. Қарор дар бораи додани унвони илмии дотсент ё профессор аз рӯзи аз тарафи Раёсати Комиссия қабул шудани он эътибор пайдо мекунад.

6. Тартиби гузаронидани баробарарзиши (нострификатсия)-и унвонҳои илмии дар давлатҳои хориҷа бадастовардашуда ва аз нав аттестатсия намудани шахсони ин гуна ҳуҷҷатҳоро дар давлатҳои хориҷа бадастовардае, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он давлатҳо оид ба баробарарзиш эътироф намудани ин гуна ҳуҷҷатҳо шартнома ё созишнома надорад, тибқи санадҳои дахлдор ба роҳ монда мешавад.

7. Масъалаҳои дигари марбут ба унвонҳои илмӣ, ки дар Тартиби мазкур танзим нашудаанд, Комиссия тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал менамояд.

## 2. ТАЛАБОТ ВА МЕЪЁРҲОИ ДОДАНИ УНВОНИ ИЛМИИ ДОТСЕНТ

8. Унвони илмии дотсент ба корманди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, ё илмию таҳқиқотие (минбаъд-Муассиса) дода мешавад, ки дорои иҷозатнома ва аккредитатсияи давлатӣ вобаста ба амалӣ намудани барномаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ, тахассуси иловагӣ, азнавтайёркунии тахассусӣ дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ, баъдидипломӣ ё такмили ихтисос бошад. Довталаби унвони илмӣ дар рӯзи ба шурои олимони (илмию техникии) Муассиса пешниҳод кардани парвандаи аттестатсионӣ бояд ба талаботи зерин мувофиқат намояд:

- маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва илмии банашррасида дошта бошад ва машғулиятҳои лексионӣ ва амалию озмоишгоҳиро дар сатҳи баланди тахассусӣ гузаронад;
- дорандаи яке аз дараҷаҳои илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ё ҳамин гуна дараҷаҳои илмиро дар хориҷи мамлакат дарёфт карда бошад, ки аз тарафи Комиссия баробарарзиш дониста шудааст.

9. Довталаб тибқи шартномаи меҳнатӣ дар вазифаҳои президент ё ноиби президенти академияи илмҳо (миллӣ, соҳавӣ), ректор ё муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, директор ё муовини директори филиали муассиса (пажӯҳишгоҳи илмӣ ё таълимӣ-илмӣ), сардор ё муовини сардори донишкада, декан ё муовини декани факултет, мудир ё муовини мудири кафедра, роҳбар ё муовини роҳбари шуъба (бахш, озмоишгоҳ)-и илмию таҳқиқотӣ ё таҷрибавӣ-конструкторӣ, котиби илмии муассиса, профессор,

дотсент, сарходими илмӣ ё ходими калон ва ё ҳамин гуна вазифаҳо ё вазифаҳои ба онҳо баробаркардашудае, ки дар феҳристи вазифаҳои мақомоти ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ шудаанд, кор кунад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

10. Меъёрҳои ба довталаб додани унвони илмии дотсент:

- на камтар аз 3 сол доштани собиқаи фаъолияти илмию омӯзгорӣ баъди ҳимояи диссертатсияи номзадӣ, аз ҷумла собиқаи бефосилаи кор ба муддати на кам 1 сол дар вазифаҳои дар банди 9 Тартиби мазкур пешбинишуда аз рӯйи ихтисоси илмии дархостшаванда *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295);*

- дар муассисаи дархостдиҳанда амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ ба андозаи на кам аз 0,25 басти корӣ (ё ҳамкорӣ) аз рӯйи ихтисоси илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда;

- доштани на кам аз 20 маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва илмии банашррасида аз рӯйи самти илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда бо баҳисобгирии патентҳо, нахустпатентҳо барои ихтироот ва объектҳои дигари моликияти зеҳнӣ, ки дар раванди таҳсилот истифода мешаванд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295);*

- дар зарфи 5 соли охир доштани 2 дастури таълимию методӣ ҳар яке на кам аз 2,5 ҷузъи муаллифӣ (яке дар алоҳидагӣ), 3 мақолаи тақризшаванда (дар солҳои гуногун банашррасида) *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

11. Комиссия ба асарҳои илмии дорои маълумоти сирри давлатии бо қонунгузории амалкунанда ҳифзшаванда талаботи махсус муқаррар мекунад.

12. Фишурдаи маърӯза, маводи конференсия, барномаи кории таълимӣ, силлабус, саволномаҳои тестӣ, дастурамалҳои таълифи корҳои курсию дипломӣ ва барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд.

## 3. ТАЛАБОТ ВА МЕЪЁРҲОИ ДОДАНИ УНВОНИ ИЛМИИ ПРОФЕССОР

13. Унвони илмии профессор ба кормандони муассисаҳои дар вазифаҳои президенти академияи илмҳо (миллӣ, соҳавӣ) ё ноиби ӯ, саркотиби илмӣ, ректор ё муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, директор ё муовини директори муассисаи илмӣ,

директор ё муовини директори филиали муассиса (пажуҳишгоҳи илмӣ ё таълимию илмӣ), ректор (сардор) ё муовини ректор (муовини сардор)-и донишкада, декани факултет, мудири кафедра, сардори шуъба (бахш, озмоишгоҳ)-и илмию таҳқиқотӣ ё таҷрибавию созакорӣ, котиби илмии муассиса, профессор, сарходими илмӣ ё ҳамин гуна вазифаҳои ба онҳо баробаркардашудае, ки дар феҳристи вазифаҳои мақомоти ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ шудаанд, фаъолияткунандае дода мешавад, агар довталаб ба ғайр аз мувофиқат намудан ба талаботи сархати якуми банди 8 Тартиби мазкур, инчунин дорандаи дипломи дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат ё ҳамин гуна дараҷаҳои илмиро дар хориҷи мамлакат дарёфт намуда бошад, ки аз тарафи Комиссия баробарарзиш дониста шудааст *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

14. Меъёрҳои ба довталаб додани унвони илмии профессор:

- баъди ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ё доктори ҳабилитат доштани на кам аз 3 сол собиқаи фаъолияти илмию омӯзгорӣ, аз ҷумла на кам аз 2 сол аз рӯйи самти илмии дархостшаванда *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*;
- доштани собиқаи бефосилаи кор ба муддати на кам аз 3 сол дар вазифаҳои дар банди 13 Тартиби мазкур пешбинишуда *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295);*
- дар вазифаҳои дар банди 9 Тартиби мазкур фаъолият намуда, дар муассисаи дархостдиҳанда ба андозаи на камтар аз 0,25 басти корӣ (ё ҳамкорӣ) аз рӯйи ихтисоси илмии дар парвандаи аттестатсионӣ дархостшуда фаъолияти омӯзгорӣ барад;
- ба ҳайси роҳбар ё мушовири илмӣ тайёр кардани на кам аз 2 мутахассиси дорои тахассуси олии дараҷаи илмидошта (барои довталабони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ на кам аз 5 мутахассис), ки мавзӯи диссертатсионии онҳо ба ихтисоси илмии дархостшудаи довталаб мутобиқат кунад;
- доштани на камтар аз 50 маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва илмии банашррасида аз рӯйи самти илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда бо баҳисобгирии патентҳо, нахустпатентҳо барои ихтироот ва дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар раванди таҳсилот истифода мешаванд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*;

- дар зарфи 5 соли охир доштани на камтар аз 3 дастури таълимию методӣ (ҳар яке на кам аз 2,5 ҷузъи муаллифӣ ва 1 дастур дар алоҳидагӣ), 5 мақолаи илмии дар солҳои гуногун банашррасида ва 1 китоби дарсӣ аз рӯйи ихтисоси илмии дархостшуда *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295).*

15. Комиссия ба асарҳои илмии дорои маълумоти сирри давлатии аз рӯйи қонунгузории амалкунанда ҳифзшаванда талаботи махсус муқаррар мекунад.

16. Фишурдаи маърӯза, маводи конференсия, барномаи кории таълимӣ, силлабус, саволномаҳои тестӣ, дастурамалҳои таълифи корҳои курсию дипломӣ ва барномаҳои таҷрибаомӯзӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд.

## 4. ТАЛАБОТ ВА МЕЪЁРҲОИ ДОДАНИ УНВОНИ ИЛМИИ ДОТСЕНТ БА ДОВТАЛАБОНИ ДАРАҶАИ ИЛМИНАДОШТА ДАР СОҲАҲОИ САНЪАТ, ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ

17. Дар соҳаҳои санъат, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисосҳои илмӣ ба корманди дараҷаи илминадоштаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбие дода мешавад, ки дорои иҷозатнома ва аккредитатсияи давлатӣ вобаста ба амалӣ намудани барномаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ, тахассуси иловагӣ, азнавтайёркунии тахассусӣ дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ, баъдидипломӣ ё такмили ихтисос бошад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*.

18. Довталаби унвони илмӣ дар рӯзи ба шурои олимони муассиса пешниҳод кардани парвандаи аттестатсионӣ бояд ба талаботи зерин мувофиқат намояд:

- таҳсилоти олии касбӣ дошта бошад;
- машғулиятҳои лексионӣ ва амалию озмоишгоҳиро ба дараҷаи баланди тахассусӣ гузаронад;
- дорои мактаби устоду шогирд бошад;
- маводи таълимӣ ва таълимӣ-методии соҳавии банашррасида дошта бошад;
- дар соҳаи санъат дорандаи яке аз унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ (ҳунарпешаи халқӣ, рассоми халқӣ, меъмори халқӣ, арбоби шоистаи санъат, ҳунарпешаи шоиста, рассоми шоиста) ё барандаи ҷоизаи (соҳибдипломи) на кам аз ду

намоишгоҳ, озмун ё ҷашнвораи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаи санъати дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда бошад;

- дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дорандаи унвонҳои қаҳрамони мусобиқаҳои ҷаҳонӣ, Аврупо, Осиё, минтақавӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвони қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи бозиҳои олимпӣ, бозиҳои параолимпӣ, мусобиқаҳои қаҳрамонии миллӣ, озмунҳо ё дорандаи унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, байналмилалӣ ва ё барандаи ҷоизаҳои дигар аз рӯйи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ё варзиши дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда бошад.

19. Тибқи шартномаи меҳнатӣ дар вазифаҳои ректор ё муовини ректори муассисаи таҳсилоти олии касбии соҳавӣ, директор ё муовини директори филиали муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, декан ё муовини декани факултет, мудир ё муовини мудири кафедра, сардор ё муовини сардори шуъба (бахш, озмоишгоҳ)-и илмию таҳқиқотӣ ё таҷрибавӣ, методӣ, дотсент, профессор ва ё ҳамин гуна вазифаҳое, ки дар феҳристи вазифаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ вобаста ба соҳаҳои санъат ё тарбияи ҷисмонӣ пешбинӣ шудаанд, кор кунад.

20. Меъёрҳои ба довталаб додани унвони илмии дотсент:

- на кам аз 5 сол доштани собиқаи умумии фаъолияти омӯзгорӣ, аз ҷумла на кам аз 3 сол аз рӯйи самти илмии дархостшаванда *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*;

- дар муассисаи дархостдиҳанда амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ ба андозаи на камтар аз 0,25 басти корӣ (ё ҳамкорӣ) аз рӯйи самти илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*;

- дар зарфи 5 соли охир доштани на кам аз 2 дастури таълимӣметодӣ (бо баҳисобгирии маҷмӯаи корҳои эҷодии дар раванди таълим истифодашаванда, аз қабили мусиқӣ ва сурудҳои ба нота даровардашуда, матни намоишномаҳои басаҳнагузошташуда, фотоалбоми мусавварахо, ҳунарҳои наққошӣ, ороишӣ, сӯзанӣ, кандакорӣ, гаҷкорӣ, оҳану мискорӣ, усулҳои иҷрои бозиҳои миллии варзишӣ ва намудҳои дигари асарҳои ҳунармандӣ ва варзишӣ) аз рӯйи ихтисоси илмии дархостшуда, ки ҳадди ақал яктоаш бе ҳаммуаллифӣ ба нашр расидааст;

- дар соҳаи санъат тайёр кардани на кам аз 2 нафар барандаи ҷоизаи (соҳибдипломи) намоишгоҳҳо, озмунҳо ва ҷашнвораҳои

байналмилалӣ ё ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаи санъати дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда;

- дар зарфи 5 соли охир доштани на кам аз 1 дастури таълимию методӣ ва 1 мақолаи тақризшаванда (бо баҳисобгирии маҷмуаи корҳои эҷодии дар раванди таълим истифодашаванда, аз қабили мусиқӣ ва сурудҳои ба нота дигар асарҳои гуногунжанри мусиқии касбӣ, матни намоишномаҳои басаҳнагузоштшуда, фотоалбоми мусавварахо, ҳунарҳои наққошӣ, ороишӣ, сӯзанӣ, кандакорӣ, гачкорӣ, оҳану мискорӣ, усулҳои иҷрои бозиҳои миллии варзишӣ ва намудҳои дигари асарҳои ҳунармандӣ ва варзишӣ) аз рӯйи самти илмии дархостшуда *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295);*

- дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тайёр кардани на камтар аз 2 нафар қаҳрамони мусобиқаҳои ҷаҳонӣ, Аврупо, Осиё, минтақавӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи бозиҳои олимпӣ, бозиҳои параолимпӣ, мусобиқаҳои қаҳрамонии миллӣ ё дорандаи унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, байналмилалӣ ва ё барандаи ҷоизаҳои дигар дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ё варзиши дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда;

- барандаи на кам аз 3 ҷоизаи мусобиқаҳои байналмилалӣ ё ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ё варзиши дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда бошад.

21. Унвони илмии дотсент дар соҳаҳои санъат, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз рӯйи ихтисосҳои илмӣ ба довталаби дарёфти унвони илмӣ, ки дорои дараҷаи илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошад, дар асоси бандҳои 8, 9, 10 ва 12 Тартиби мазкур дода мешавад.

## 5. ТАЛАБОТ ВА МЕЪЁРҲОИ ДОДАНИ УНВОНИ ИЛМИИ ПРОФЕССОР ДАР СОҲАҲОИ САНЪАТ, ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ

22. Унвони илмии профессор ба кормандони муассисаҳои дар банди 17 зикршуда дода мешавад, агар довталаб ба ғайр аз қонеъ гардонидани талаботи зербанди якуми банди 19 Тартиби мазкур, инчунин дорои унвони илмии дотсент бошад, ки аз дарёфти он на камтар аз 3 сол сипарӣ шуда бошад.

23. Меъёрҳои ба довталаб додани унвони илмии профессор:

- на камтар аз 10 сол доштани собиқаи умумии фаъолияти илмию омӯзгорӣ, аз ҷумла на камтар аз 5 сол аз рӯйи ихтисоси илмии дархостшаванда;

- дорои мактаби устоду шогирд бошад;

- дар муассисаи дархостдиханда амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ ба андозаи на камтар аз 0,25 басти корӣ (ё ҳамкорӣ) аз рӯйи ихтисоси илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда;

- бо баҳисобгирии махсусиятҳои дар зербанди сеюми банди 20 зикршуда баъди дарёфти унвони илмии дотсент доштани на камтар аз 3 дастури таълимию методӣ аз рӯйи самти илмии дархостшуда, ки бояд яктоаш бе ҳаммуаллифӣ ба чоп расида бошад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295);*

- дар соҳаи санъат баъди дарёфти унвони илмии дотсент тайёр кардани на камтар аз 3 нафар барандаи ҷоизаи (соҳибдипломи) намоишгоҳҳо, озмунҳо ва ҷашнвораҳои байналмилалӣ ё ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаи санъати дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда;

- баъди дарёфти унвони илмии дотсент доштани на камтар аз 5 кори эҷодӣ аз рӯйи соҳаҳои санъати дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда;

- дар шакли нота ва дигар намудҳои санъати касбӣ ё дигар намудҳои санъати халқии касбӣ пешниҳод намудани асарҳо *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295);*

- дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш баъди дарёфти унвони илмии дотсент тайёр кардани на камтар аз 3 нафар қаҳрамони мусобиқаҳои ҷаҳонӣ, Аврупо, Осиё, минтақавӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, қаҳрамони варзиш, барандаи ҷоизаи бозиҳои олимпӣ, бозиҳои параолимпӣ, мусобиқаҳои қаҳрамонии миллӣ ё дорандаи унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, собиқ ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, байналмилалӣ ва ё барандаи ҷоизаҳои дигар аз рӯйи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ё варзиши дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда;

- баъди дарёфти унвони илмии дотсент барандаи на кам аз 5 ҷоизаи мусобиқаҳои байналмилалӣ ё ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ё варзиши дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда бошад.

24. Унвони илмии профессор дар соҳаҳои санъат, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз рӯйи ихтисосҳои илмӣ ба довталаби дарёфти

унвони илмӣ, ки дорои дараҷаи илмии доктори ҳабилитат ва доктори илм мебошад, дар асоси бандҳои 13, 14 ва 16 Тартиби мазкур ба роҳ монда мешавад.

## 6. БАРРАСИИ ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ ДОВТАЛАБИ УНВОНИ ИЛМӢ ДАР МУАССИСАИ ПЕШНИҲОДКУНАНДА

25. Парвандаи аттестатсионии довталаби унвони илмӣ дар шурои олимони муассисаи пешниҳодкунанда баррасӣ ва аз рӯи он қарор қабул карда мешавад.

26. Қарори Шурои олимон бо овоздиҳии пинҳонӣ қабул карда мешавад.

27. Маҷлиси шурои олимон босалоҳият ҳисобида мешавад, агар аз се ду ҳиссаи аъзои он иштирок дошта бошад. Қарори шуро мусбат ҳисоб мешавад, агар ба тарафдории довталаб аксарияти аъзои дар маҷлис иштирокдоштаи шуро овоз дода бошад.

28. Нусхаи парвандаи аттестатсионии довталаби унвони илмӣ дар муассиса 10 сол нигоҳ дошта мешавад.

29. Шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванде, ки барои фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ ба муассиса даъват шудааст, метавонад унвони илмӣ дарёфт намояд, агар ӯ ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Тартиби мазкур мувофиқат намояд.

## 7. БАРРАСИИ ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ ДОВТАЛАБИ УНВОНИ ИЛМӢ ДАР КОМИССИЯ

30. Экспертизаи меъёрию техникии барасмиядарории парвандаи аттестатсионии довталаби унвони илмӣ ва санҷиши мукаммалии ҳуҷҷатҳои дохили онро шуъбаи аттестатсионии дахлдори Комиссия амалӣ менамояд.

31. Ҳангоми ошкор шудани камбудиҳои меъёрӣ ё техникӣ дар барасмиятдарории парвандаи аттестатсионӣ шуъбаи аттестатсионӣ бо мактуби расмӣ ва хулосаи асоснок парвандаро бароиислоҳи камбудиҳо ба муассисаи пешниҳодкунанда бармегардонад. Дар ин маврид муҳлати баррасии парвандаи мазкур аз рӯзи ба Комиссия ворид шудани нусхаи ислоҳшудаи он ҳисоб карда мешавад.

32. Дар сурати пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионӣ бе бартарафкунии камбудиҳои меъёрӣ ё техникии қаблан

ошкоргардида Комиссия дархостномаи муассисаро оид ба додани унвони илмӣ рад менамояд.

33. Ҳангоми ба талабот ва меъёрҳои пешниҳод ҷавобгӯ набудани ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионӣ ё вайрон шудани тартиби қабули қарор дар шурои олимони муассисаи пешниҳодкунанда, шуъбаи аттестатсионӣ дар хулосаи асосноки худ камбудиҳои ҷойдоштаро ба қайд мегирад ва онро ҳамроҳ бо парванда ба комиссияи баррасии парвандаҳо оид ба дарёфти унвонҳои илмӣ пешниҳод менамояд. Дар мавриди аз тарафи комиссия ҷонибдорӣ пайдо кардани хулосаи манфии шуъба вобаста ба дархости муассиса қарори рад қабул гардида, дар асоси он фармоиши Комиссия ба тасвиб расонида мешавад. Дар мавриди ҷонибдорӣ пайдо накардани хулосаи манфии шуъбаи аттестатсионӣ, парванда барои экспертизаи иловагӣ аз нав ба шуъбаи аттестатсионӣ баргардонида мешавад.

34. Пешниҳоди такрории парвандаи аттестатсионии радшуда танҳо пас аз 1 сол аз рӯзи ба тасвиб расидани фармоиши Комиссия амалӣ шуда метавонад.

35. Ҳангоми ҷой надоштани камбудиҳои меъёрию техникӣ ва барасмиятдарорӣ шуъбаи аттестатсионӣ бо хулосаи асоснок парвандаи аттестатсионии вобаста ба дарёфти унвони илмии дотсентро ба комиссияи баррасии парвандаҳо оид ба дарёфти унвонҳои илмӣ пешниҳод карда, парвандаи аттестатсионии вобаста ба дарёфти унвони илмии профессорро барои экспертизаи тахассусӣ ба шурои экспертии дахлдор ирсол менамояд.

36. Муҳлати баррасӣ ва экспертизаи парвандаи аттестатсионӣ вобаста ба дарёфти унвони илмии профессор дар шурои экспертӣ набояд аз 1 моҳ зиёд бошад. Шурои экспертӣ натиҷаҳои экспертизаи парвандаро бо хулосаи асоснок ба шуъбаи аттестатсионӣ пешниҳод мекунад. Шуъбаи аттсетатсионӣ натиҷаҳои умумии экспертизаи парвандаро ҷамъбаст намуда, хулосаи ҷамъбастии худро ҳамроҳ бо парвандаи аттестатсионӣ ба комиссияи баррасии парвандаҳо оид ба дарёфти унвонҳои илмӣ пешниҳод менамояд.

37. Дар мавриди аз тарафи комиссияи баррасии парвандаҳо оид ба дарёфти унвонҳои илмӣ ҷонибдорӣ шудани хулосаи мусбати шуъбаи аттестатсионӣ, Комиссия дар ин хусус қарори дахлдор қабул мекунад ва онро барои тасдиқ ба Раёсати Комиссия пешниҳод менамояд. Парвандаҳои аттестатсионие, ки бо хулосаи манфии

шуъбаи аттестатсионӣ ба комиссияи баррасии парвандаҳо оид ба дарёфти унвонҳои илмӣ пешниҳод шудаанд, бо фармоиши Комиссия рад карда мешаванд.

38. Раёсати Комиссия аз рӯйи натиҷаи экспертизаи парвандаи аттестатсионӣ қарорҳои зерин қабул мекунад:

- унвони илмӣ дода шавад;
- дархости муассиса дар бораи додани унвони илмӣ рад карда шавад.

39. Муҳлати умумии баррасии парвандаи аттестатсионии довталаби унвони илмӣ дар Комиссия то 4 моҳ аст *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295).*

40. Фармоиши Комиссия дар бораи додани унвони илмӣ ва шаҳодатномаи тасдиққунандаи он ё рад кардани дархости муассиса дар бораи додани унвони илмӣ ба довталаб дар муддати 10 рӯз пас аз қабули қарор дар сомонаи расмии он ҷой дода мешавад.

## 8. МАҲРУМКУНӢ АЗ УНВОНИ ИЛМӢ

41. Маҳрум кардан аз унвони илмӣ бо қарори Раёсати Комиссия дар сурати маҳрум гаштан аз дараҷаи илмӣ ва ё ошкор шудани вайронкунии талабот ва меъёрҳои Тартиби мазкур вобаста ба додани унвони илмӣ дар асоси аризаи шикоятии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар муддати то 10 сол аз рӯзи додани унвони илмӣ ҷой дошта метавонад. Комиссия нусхаи аризаи воридшударо бо ҳуҷҷатҳои замимашуда ба шурои олимони муассисаи дахлдор ва ё дар сурати барҳам додани муассиса ба шурои мувофиқ (ба ҳам наздик) ирсол менамояд.

42. Шурои олимони муассиса аризаро дар муддати на зиёда аз 2 моҳ баррасӣ намуда, қарори худро ҷиҳати махрум кардан ва ё накардан аз унвони илмӣ бо мактуби ҳамроҳ ва замима намудани пайнавис (стенограмма)-и маҷлис бо имзои раис, котиби илмӣ ва бо муҳри Муассиса ба Комиссия ирсол менамояд.

43. Раёсати Комиссия дар асоси хулоса ва қарори шурои олимони муассиса қарори дахлдор қабул менамояд, ки он бо фармоиши раиси Комиссия тасдиқ карда мешавад. Муҳлати умумии баррасии ариза дар Комиссия наметавонад аз 6 моҳ зиёд бошад. Дар мавридҳои зарурӣ ин муҳлат метавонад барои дарёфти маълумоти иловагӣ ва гузаронидани экспертизаи такрорӣ тамдид карда шавад.

## 9. БАРҚАРОР КАРДАНИ УНВОНИ ИЛМӢ

44. Барқарор кардани унвони илмӣ бо қарори Раёсати Комиссия дар сурати барқарор гардидани дараҷаи илмӣ, ошкор гардидани беасосии маълумоти қаблан дар аризаи шикоятӣ овардашуда ва вайрон шудани қоидаҳои маҳрум кардани шахс аз унвони илмӣ дар асоси аризаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷой дошта метавонад. Комиссия нусхаи аризаи воридшударо бо ҳуҷҷатҳои замимашуда ба шурои олимони муассисаи дахлдор ва ё дар сурати барҳам додани муассиса ба шурои мувофиқ (ба ҳам наздик) ирсол менамояд.

45. Шурои олимони муассиса аризаро дар муддати на зиёда аз 2 моҳ баррасӣ намуда, хулоса ва қарори худро ҷиҳати барқарор кардан ва ё накардани унвони илмӣ бо мактуби ҳамроҳ ва замима намудани пайнавис (стенограмма)-и маҷлис бо имзои раис, котиби илмӣ ва бо муҳри муассиса ба Комиссия ирсол менамояд.

46. Раёсати Комиссия хулосаи шурои олимони муассисаро баррасӣ намуда, қарори дахлдор қабул менамояд, ки он бо фармоиши раиси Комиссия тасдиқ карда мешавад. Муҳлати умумии баррасии ариза оид ба барқарор кардани унвони илмӣ аз 6 моҳ зиёд буда наметавонад. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои дастрас намудани маълумоти иловагӣ ва ё гузаронидани экспертизаи такрорӣ ин муҳлат тамдид карда мешавад.

## 10. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

47. Ҳамаи масъалаҳои баҳсноки вобаста ба тартиби додан, маҳрум намудан ва барқарор кардани унвонҳои илмӣ тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби мазкур ҳал карда мешаванд.

48. Дахолати мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, шахсони ҳуқуқӣ, муассисаҳои дигар ва шаҳрвандон ба фаъолияти Комиссия оид ба масъалаҳои додан, маҳрум намудан ва барқарор кардани унвонҳои илмӣ, баробарарзиши (нострификатсияи)-и унвонҳои илмӣ, аз нав аттестатсия намудани шахсони дар давлатҳои хориҷӣ унвонҳои илмиро дарёфтнамуда қатъиян манъ аст.

*** дар тамоми матни Тартиб калимаҳои "ШӮРО", "Шӯро", "Шӯрои", "шӯрои", "Шӯроро" ва "шӯроҳои" мувофиқан ба калимаҳои "ШУРО", "Шуро", "Шурои", "шурои", "Шураро" ва "шуроҳои" иваз карда шудааст** *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295)*

# ПОСТАНОВЛЕНИЕ ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## О внесении изменений и дополнений в постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года, №267

В соответствии со статьей 56 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Внести следующие изменения и дополнения в Положение о диссертационном совете, утверждённое постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года, №267 «О Положении о диссертационном совете, Порядке присуждения ученых степеней, Порядке присвоения ученых званий и Порядке государственной регистрации защищённых диссертаций»:

1) пункт 1 изложить в следующей редакции:

«1. Положение о диссертационном совете (далее-Положение) устанавливает порядок создания и деятельности диссертационных советов (далее–Совет) при государственных научных учреждений, учреждений высшего и послевузовского профессионального образования (далее–Учреждение) на соискание ученой степени кандидата наук, доктора философии (PhD)-доктора по специальности, доктора наук и доктора хабилитат, проведения заседаний Совета, правила принятия диссертаций к защите и проведения их первичной экспертизы, экспертизы официальных оппонентов и ведущей организации, публичная защита диссертаций, лишения и восстановления ученых степеней, а также материально-технического обеспечения и контроля за деятельностью Совета.»;

2) пункт 7 изложить в следующей редакции:

«7. Если в течение года три решение Совета о присуждении учёной степени будет отменена в связи с несоблюдением требований отраслевых нормативных правовых актов, деятельность Совета будет приостановлена или прекращена. В случае приостановления деятельности Совета, повторное возобновление его деятельности будет осуществлена с пересмотром состава.»;

3) пункт 8 дополнить вторым предложением следующего содержания:

«Если при рассмотрении аттестационного дела и диссертации будут выявлены случаи совершения научного проступка, Комиссия может ознакомиться с первичными документами соискателя ученой степени.»;

4) первое предложение пункта 10 изложить в следующей редакции:

«Учреждение обязано разместить полный текст диссертации, его автореферата и информационный материал в соответствии с Порядком присуждения ученых степеней на своем официальном сайте в информационно-телекоммуникационной сети интернет (далее–сайт Учреждения), вести аудио- и видеозаписи заседаний Совета.»;

5) пункты 20 и 21 изложить в следующей редакции:

«20. В состав Совета могут быть включены доктора наук, доктора хабилитат и в порядке исключения, кандидаты наук или доктора философии (PhD)-доктора по специальности, которые в течении последних 5 лет имеют не менее 3 научных статей по специальности запрашиваемой научной области в рецензируемых журналах Республики Таджикистан и за рубежом согласно Реестру Комиссии. Соответствие членов Совета запрашиваемым специальностям подтверждается дипломом об ученой степени и (или) их научными публикациями.

21. Количество членов Совета составляет от 9 до 16 человек. Совет создаётся в составе 9 человек по одной специальности, 11 человек по двум специальностям и 16 человек по трем специальностям. Состав Совета на соискание учёной степени доктора хабилитат или доктора наук по одной специальности состоит из 8 докторов наук и 1 кандидата наук, по двум специальностям из 10 докторов наук и 1 кандидата наук и по трем специальностям из 15 докторов наук и 1 кандидата наук (ученый секретарь Совета). В состав Совета должны входить специалисты других научных и образовательных учреждений, количество которых не должно превышать половины общего состава Совета. Членство в Совете осуществляется на основе общественной деятельности»;

6) из пункта 22 исключить слова «, имеющих учёное звание доцента»;

7) пункты 23 и 24 изложить в следующей редакции:

«23. Председатель Совета должен быть доктором наук или доктором хабилитат по одной из запрашиваемых специальностей и

известным своими научными достижениями (в редких специальностях доктор наук или доктор хабилитат может быть назначен Председателем Совета по публикациям).

24. Заместитель председателя Совета должен быть доктором наук или доктором хабилитат по одной из запрашиваемых специальностей (в редких специальностях доктор наук или доктор хабилитат может быть назначен заместителем председателя Совета по публикациям)».

8) пункт 29 изложить в следующей редакции:

«29. Требования к составу Совета для редких специальностей (в соответствии с Реестром специальностей):

- на соискание ученой степени доктора наук или доктора хабилитат не менее 5 специалистов с учёной степенью доктора наук или доктора хабилитат (2 доктора наук или доктора хабилитат в соответствии с заявленной специальностью и 3 доктора наук или доктора хабилитат по публикациям);

